АМОНАТБОНК - НИШОНДОДҲО РӮ БА АФЗОИШ с. 9

РУСИЯ КИҲОРО АЗ ШАҲРВАНДӢ МАҲРУМ МЕКУНАД? с. 4

АФЗОИШИ ТАЛОҚ ВА ЗӮРОВАРӢ с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№32 (1645), 6.08.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# БОЛОРАВИИ НАРХ

## - ҳамаи маҳсулот гарон шудааст, - мегӯяд агентӣ








**ДАР ИН ШУМОРА:**


**ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТУРКМАНИСТОН**
Тоҷикистон ҷонибдори иқтисоди муосир с.2

**БАРҚ**
Истеҳсол, содирот ва қарздорон с.7

**МУЛЛОИ МАҲАЛЛА**
Падаре, ки писарро кушт, кист? с.11

**ФИШОР БА ПУТИН**
Чин розӣ мешавад? с.4

**САЙДУЛЛО ХАЙРУЛЛОЕВ**
Обрӯ аз заҳмат ёфтааст с.13

**НИГАРОНӢ**
Чалаи никоҳ куҷо шуд? с.5

**АФҒОНИСТОН**
Ҷанг бо сояҳо с.6

**ВАРЗИШ**
Оғози суперлигаи Тоҷикистон - 2025 с.15



# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТУРКМАНИСТОН

## Тоҷикистон ҷонибдори иқлими сабз ва иқтисоди муосир

**РӮЗҲОИ 4-5-УМИ АВГУСТ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО САФАРИ КОРӢ ДАР ШАҲРИ ТУРКМАНБОШИИ ТУРКМАНИСТОН ҚАРОР ДОШТ. САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОНРО ДАР ФУРУДГОҲИ ШАҲРИ ТУРКМАНБОШӢ РАИСИ ШУРОИ ХАЛҚИИ ТУРКМАНИСТОН ВА СОБИҚ ПРЕЗИДЕНТИ ИН КИШВАР ҚУРБОНГУЛӢ БЕРДИМУҲАММАДОВ ПЕШВОЗ ГИРИФТ.**



### МУЛОҚОТИ ДУҶОНИБА

Пас аз анҷоми маросими истиқболи расмӣ, мулоқоти дуҷонибаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Шурои халқии Туркманистон Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов баргузор шуд.

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳои марбут ба рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Туркманистонро баррасӣ намуданд. Таваҷҷуҳи хосса ба таҳкиму тавсеаи робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ зоҳир гардид. Масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ низ мавриди табодули афкор қарор гирифтанд.

### ИШТИРОК ДАР КОНФРОНСИ СММ

Рӯзи 5-уми август Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Аваза дар кори Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ иштирок ва суханронӣ намуд. Президенти мамлакат ба Ҳукумати Туркманистон барои ташкили сатҳи баланди конфронс изҳори сипос намуда, аҳамияти ин ҳамоиши байналмилалиро дар натиҷагирӣ аз Барномаи амали Вена (2014-2024) таъкид намуд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат масъалаҳои рушди инфрасохтор, аз ҷумла бахшҳои нақлиёт ва энергетика, татбиқи лоиҳаҳои муштарак, рақамисозии раванди савдо ва зарурати ҳамкориҳои минтақавиро махсусан муҳим арзёбӣ кард.

Президенти кишвар аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар бахши иқлим ва об, аз ҷумла баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо ва қабули қатъномаи “Даҳсолаи илмҳои криосферӣ” ёдовар шуда, даъват ба амал овард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ маблағгузории чораҳои ҳифзи иқлимро афзоиш диҳад.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки Тоҷикистон бо назардошти иқтидорҳои гидроэнергетикии худ, ба масоили таъмини истиқлоли энергетикӣ ва рушди ин соҳа аҳамияти хосса медиҳад.

Дар ин робита Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки татбиқи “Стратегияи миллии рушди иқтисоди сабз” то соли 2037 имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар оянда пурра ба тавлиди неруи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда гузарад.

Президенти Тоҷикистон мавқеи ҷуғрофии маҳдуди кишварҳои маҳсур дар хушкӣ, таъсири тағйирёбии иқлим ва мушкилоти транзитиро монеаҳои ҷиддӣ барои рушди устувор номида, даъват ба амал овард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ маблағгузории чораҳои ҳифзи иқлим ва рушди иқтисоди сабзро афзоиш диҳад.

Ҳамзамон, Пешвои миллат аз ташаббусҳои созандаи Тоҷикистон дар самти обу иқлим, аз ҷумла баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо ва қабули қатъномаи “Даҳсолаи илмҳои криосферӣ” ёдовар шуд.

### УФУҚҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Дар доираи Конфронси СММ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳаммадов низ мулоқот анҷом дод. Ҷонибҳо ба рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, бахшҳои кишоварзӣ, саноат, нафту газ, нақлиёту коммуникатсия ва дигар соҳаҳои дорои манфиати муштарак таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, зарурати истифодаи самараноки Комиссияи байниҳукуматиро таъкид карданд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо пешниҳод намуданд, ки бо мақсади афзоиши ҳаҷми тиҷорат “Харитаи роҳ”-и ҳамкориҳо барои солҳои 2026-2028 таҳия ва амалӣ гардад. Масъалаи ба роҳ мондани парвозҳои мунтазам миёни пойтахтҳои ду кишвар низ ҳамчун яке аз самтҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар зимн, ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими муколамаи сиёсӣ, тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ ва густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш баён намуданд.

### НАМОИШГОҲ ВА БАРНОМАИ ФАРҲАНГИИ КИШВАРҲО

Дар ҳошияи ҳамоиши байналмилалӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва дигар сарони давлатҳои иштирокдор аз намоишгоҳи маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон боздид намуданд.

Бино ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, гӯшаи Тоҷикистон бо маҳсули заҳмати корхонаҳои саноатӣ, ҳунармандон ва ошпазони маҳаллӣ муаррифӣ гардид. Маҳорати волои кулинарии тоҷик ва маҳсули деҳқонони мамлакат баҳои баланд гирифтанд. Дар бахши маҳсулоти саноатӣ маснуоти дӯзандагӣ, заргарӣ, алюминӣ, обҳои ташнагишикан, маҳсулоти саноати сабук ва дигар намунаҳои истеҳсоли ватанӣ ба намоиш гузошта шуданд.

Баъди боздид аз намоишгоҳ сарони давлатҳо дар барномаи фарҳангии санъаткорони Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон иштирок намуданд. Барномаи фарҳангии Тоҷикистонро ҳунармандон, овозхонон ва ансамблҳои касбӣ бо маҳорати баланд муаррифӣ карданд, ки писанди иштирокдорон гардид.

**Усмон РАҲИМЗОДА**


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*



*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# БОЛОРАВИИ НАРХИ ОЗУҚА ДАР КИШВАР

**Агентии омори Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар нимсолаи аввали соли равон нархи озуқаворӣ дар кишвар боло рафтааст. Бино ба додаҳои ин ниҳод, қариб қимати ҳамагуна озуқаворӣ давоми шаш моҳи соли равон дар кишвар гарон шудааст.**

*Феҳрасти молҳои нархашон болорафта аз ҷумла чунин аст:*

**Равған ва чарбу - 5,8%**
*(равғани офтобпараст - 8,2% ва равғани пахта - 5,4%);*

**Сабзавот - 26,7%**
*(сабзӣ - 2,1 баробар, карам - 37,7 %, бехпиёз - 30,7% ва картошка - 22,6%);*

**Махсулоти гӯштӣ - 4,8%**
*(гӯшти гӯсфанд - 10,2% ва гӯшти гов - 6,7%);*

**Мевагиҳо - 8%;**

**Нӯшокиҳои беспирт - 0,9%.**

Дар баробари ин, нарх дар ошхонаҳои Тоҷикистон низ қариб 5% дар ним сол гарон шудааст.

**ҲАМЧУНИН, ГУФТА МЕШАВАД, КИ АЗ АВВАЛИ СОЛИ 2025 АРЗИШИ ТАРОФАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПУЛАКИЕ, КИ БА АҲОЛӢ РАСОНИДА МЕШАВАД, УМУМАН - 3,4% АФЗОИШ ЁФТААСТ, КИ ИН АСОСАН АЗ ҲИСОБИ АРЗИШИ ХӮРОКИ УМУМӢ - 4,7 % ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАИШӢ - 1,7 % БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААСТ.**




## САРИ САБЗ



Дилноза РАХИМӢ, хатмкардаи Донишкадаи фарҳанг ва санъат

**- Аз касе хафа нестам, вале вақте эхтиром ба касбу сохибкасб дар коргоҳ намемонад, беҳтар аст тарки он ҷо кунӣ. Бар замми шароити хуби корӣ набудан, барои мисол, нақши харгӯшро бо либоси рӯбоҳ бозидан, боз бeқадрии ҳунарро дида, кас дилхунук мегардад.**

*- Яъне гуфтанием, ки аз набудани шароити хуби корӣ ҳам беқадрии ҳунар вазнин аст? Барои мисол, агар нақши харгӯшро бо либоси хирс бозидан пешниҳод шавад чӣ?*



Исроил ШОДИЕВ, ҳунарманди кулолгар

**- Ҳар маснуоте, ки аз зери дастам мебарояд, як порчаи рӯҳу завқи ман аст. Сохтани гӯшвор ва сандукчаҳои гилӣ раванди пурзаҳмат аст, аммо вақте мебинам, ки одамон бо муҳаббат онҳоро ба бар мекунанд ё ҳамчун ёдгорӣ нигаҳ медоранд, хастагиам гум мешавад.**

*- Ваҳ-ваҳ, бале, дуруст қайд кардед. Қадр кардани ҳунари ҳунарманд воқеан дилхушкунандаву роҳат аст, аммо агар молӣ қадрдонӣ мекарданд, хастагӣ тамоман гум мешуд.*



Шарофат АРАБОВА, таърихшинос ва таҳлилгари синамо

**- Дар ҳоли ҳозир соҳаи кино дар Тоҷикистон барои сармоягузорӣ шавқовар нест. Барои рафъи ин мушкил қабули чораҳо зарур аст. Дуюм, бухрони мавзӯӣ. Ҳоло дар кинои тоҷик чанд мавзӯро метавон пайдо кард, ки дар ин ё он шакл аз филм ба филм такрор мешаванд.**

*- Агар махфӣ набошад, ҳамон чанд мавзӯъ кадом мавзуҳо бошанд? Зеро чандон филмҳои зиёд ҳам надорем, ки замина барои таҳлили синамо муҳайё бошад...*

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар нимсолаи аввали соли равон 23 ҳазору 308 адад субъекти нави хоҷагидор таъсис ёфт, ки аз он 22 ҳазору 112 ададро соҳибкори инфиродӣ ва 1 ҳазору 196 ададро шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.**

Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 82 адад шахсони ҳуқуқӣ ва 4 ҳазору 288 адад соҳибкорони инфиродӣ зиёд аст. Дар ин бора Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.

Султон Раҳимзода иттилоъ дод, ки ҳоло дар кишвар 375 ҳазору 133 субъектҳои хоҷагидор фаъолият мекунанд, ки 339 ҳазору 560 ададро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд.



**Агентии омори кишвар хабар медиҳад, ки дар нимсолаи аввали соли равон афзоиши табиии аҳолӣ нисбати соли гузашта 2% ё 18,8 нафар ба 1000 сокинро ташкил медиҳад.**

Бино ба маълумоти роҳбари Агентии омор Ҷамшед Нурмаҳмадзода, фавт дар Тоҷикистон тайи нимсолаи аввали соли равон ба ҳар ҳазор сокин 3,3 нафар рост меояд. Таваллуд ба 1000 нафар аҳолӣ ба 22,1 нафар баробар шудааст. Афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳо чунин будааст: Хатлон -2,6%, Суғд - 1,5%, НТМ - 2,8%, Душанбе 1,1%. Ҳамин тавр, тибқи омори охири Агентии омор, шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон ба беш аз 10,5 млн нафар баробар шудааст.



**Дар ним сол дар Тоҷикистон 7 ҳазору 562 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин сабт шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли 2024-ум 232 ҳолат бештар будааст.**

Дар ин бора Ориф Хоҷазода, раиси Кумитаи замини Тоҷикистон дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Дар робита ба ин қонунвайронкуниҳо, ба иттилои Хоҷазода, нисбати 6 ҳазору 792 ҳолат парвандаи маъмурӣ боз шуда, 4 миллиону 4 ҳазору 105 сомонӣ ҷарима шудаанд. Аз ин 3 миллиону 99 ҳазору 864 сомонияш ситонида шудааст.

# АМРИКО МЕХОҲАД БА ПУТИН ФИШОР ОРАД

## Чин розӣ мешавад?

**Дар остонаи зарбулаҷали Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико, ба Русия барои қатъи ҷанг дар Украина, Вашингтон дар пайи нафастанг кардани иқтисоди Русия аст ва барои ин кор ҳадафи наве ёфтааст. Он ҳам нафти фурӯшии Русия ба Чин.**




Ҳаҷми нафте, ки Чин аз Русия мехарад, як монеаи аслӣ дар музокироти Амрикову Чин дар бораи тиҷорати дучониба аст, ки дар шаҳри Стокҳолм идома дорад ва ду тараф саъй доранд ихтилофҳои зиёдеро барои пешгирӣ аз бочҳои танбеҳӣ рафъ кунанд.

Бо афзоиши ноумедии Трамп аз президенти Русия Владимир Путин ба далели бетаваҷҷуҳии ӯ ба талошҳои гузашта барои барқарории сулҳ дар Украина, Вашингтон умедвор аст, ки бо маҳрум сохтани Маскав аз миллиардҳо доллар даромад аз нафт абзори фишори бештар ба даст дорад.

Деннис Вилдер, ки дар аҳди Ҷорҷ Буш мушовири аршади ӯ дар масъалаҳои Чин буд, ба Радиои Озодӣ гуфтааст: "Давлати Амрико ба ин дарк расидааст, ки фурӯши нафти Русия ба Чин чӣ қадар аҳамият дорад. Бе фурӯши ин нафт метавон гуфт, ки иқтисоди Русия эҳтимол бештар аз ин шоҳиди суқути иқтисодаш мешуд".

Аммо моил кардани Чин барои қабули талаботи Амрико сахт будааст, чун мақомоти Чин дар ҷараёни мулоқот гуфтаанд, ки хариди нафт аз Русияро кам намекунанд. Дар вокуниш ба ин мавзуъ Скотт Бессент, вазири молияи Амрико эҳтимоли ҷорӣ кардани бочи 100-дарсадӣ барои Чинро матраҳ кардааст.

Вазорати корҳои хориҷии Чин ҳафтаи гузашта дар вокунише ба таҳдиди таърифҳои бештар дар шабакаи иҷтимоии Х навишт, ки Чин ҳамвора таъмини хеш бо нафту газро барои манофеи миллиаш тазмин хоҳад кард. Ба гуфтаи вазорат, маҷбур кардану фишор ба ҷое намерасад.

Мақомоти собиқ ва таҳлилгарони бозори нафту газ, ки бо Радиои Озодӣ суҳбат кардаанд, гуфтаанд, Чин ба эҳтимоли ғолиб хариди нафтро аз Русия бас намекунад. Аммо мегӯянд, шояд Чин ба нишони ҳусни ният барои муддате хариди нафти русиро камтар кунад, то созиши тиҷоратӣ ҳосил шавад ва роҳ барои дидори раҳбарони ду кишвар - Си Ҷинпин ва Доналд Трамп дар моҳи октябр боз гардад.

Вале моил кардани Чин ба коҳиши хариди нафти Русия ба музокироти печидаи Амрикову Чин вобаста аст, ки дар Шветсия идома дорад ва бояд то рӯзи 12-уми август бо созише ба поён расад.

Бар иловаи талаби коҳиши хариди нафт аз Русия, Амрико аз Чин хостааст, ки хариди нафтро аз Эрон батамом қатъ кунад, ки зери таҳримҳои Амрико аст. Эрон 90 дар сади нафти содиротиашро ба Чин мефурӯшад ва ба гуфтаи таҳлилгарон, панҷяки нафти Чинро Русия таъмин мекунад.

# ҚОНУНИ НАВ ДАР РУСИЯ

## Киҳоро аз шаҳрвандӣ маҳрум мекунад?

**Владимир Путин, президенти Русия қонунеро имзо кард, ки асос ва баҳонаҳоро барои маҳрум кардани хориҷиён ва бахусус муҳоҷирон аз ҳақи шаҳрвандии ин кишвар зиёдтар месозад.**




Бар асоси ин қонун, ки рӯзи 31-уми июл ба имзо расид, агар як хориҷӣ шаҳрвандии Русияро гирифта бошад ва ҷинояти сахте содир кунад, шиносномаашро аз дасташ мегиранд ва аз ҳақи шаҳрвандӣ маҳрум мекунанд.

Асосҳои нав барои маҳрумсозӣ ҷиноятҳои сахт, ба мисли қатл, таҷовузи гурӯҳӣ, таҷовуз бо бераҳмии хос буда метавонанд.

Як асосе, ки метавонад ҳар каси дигареро аз ҳақи шаҳрвандии Русия маҳрум созад, ифротгароӣ ва дуруст шуморидани терроризм аст.

Ҳамчунин агар касе, ки бо кӯдаки то 12-сола иртиботи ҷинсӣ дошт ё кӯдакону наврасонро ба танфурӯшиву иртиботи ҷинсӣ маҷбур месозад, ё маводи порнографӣ бо хузури кӯдаконро омодаву нашр мекунад, аз ҳақи шаҳрвандии Русия маҳрум карда мешавад.

Ҷиноятҳои дигаре ба мисли таҳдид ба амнияти миллӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои душмани Русия ҳам метавонанд асос барои бозпас гирифтани шиносномаи русӣ аз як муҳоҷир шаванд.

Тарҳи қонуни мазкурро рӯзи 16-уми июл Думаи давлатии Русия тасвиб карда буд.

### *Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар натиҷаи тоза намудани беш аз 140 километр шабакаҳои заҳбуру заҳкаш дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ҳолати зиёда аз 200 гектар замини корам беҳтар гардидааст. Дар ин бора Маҳмуд Амирзода, раиси ноҳия иттилоъ дод.**

Ба гуфтаи ӯ, дар шаш моҳи аввали соли 2025 дар маҷмуъ 142 километр заҳбуру заҳкаш - бахше аз онҳо дар мавзеъҳое, ки солҳои зиёд тоза нашуда буданд, тоза карда шудаанд.

Раиси ноҳия таъкид кард, ки ин тадбир ба обёрии беҳтари заминҳо ва боло рафтани ҳосилнокӣ мусоидат мекунад.



**Раиси ноҳияи Хуросон Носир Суризода иттилоъ дод, ки дар шаш моҳи аввали соли 2025 дар ҳудуди ноҳия ду корхонаи нави истеҳсолӣ ба истифода дода шудааст.**

Раиси ноҳия афзуд, ки то охири соли 2025 боз се корхонаи дигар мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

«Мо ба нақша гирифтаем, ки то соли 2026 дар маҷмуъ 26 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бунёд намоем. То имрӯз 23 адади онҳо аллакай сохта шуда, фаъолият доранд»,- гуфт Суризода.

Феълан дар ноҳияи Хуросон 38 коргоҳу корхонаи саноатӣ ва истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудаанд.



**Дар шаш моҳи соли равон нақшаи қисми даромади буҷети шаҳри Ваҳдат 101,8 фоиз иҷро шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55 миллиону 165 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ рӯзи 4-уми август раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода хабар дод. Ӯ гуфт, ки соли ҷорӣ нақшаи 9 намуд андозҳои маҳаллӣ барзиёд иҷро шуданд.

"Ин аз фаъолияти самарабахши кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат далолат медиҳад",- изҳор дошт Мирзо Исмоилзода.

# АФЗОИШИ ТАЛОҚ ВА ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**Дар нимсолаи аввали соли 2025 дар ҷумҳурӣ 4117 ҳолати бекор кардани ақди никоҳ ба қайд гирифта шуда, бар асари пош хӯрдани оилаҳои ҷавон 3632 нафар кӯдакони ноболиғ аз меҳру муҳаббати волидон дур ва бо яке аз онҳо, дар бештари ҳолатҳо дар тарбияи модар мондаанд.**



Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода иттилоъ дода, гуфт:

**ДОҒИ РӮЗ**

"Ҳарчанд вайроншавии оилаҳо назар ба соли гузашта нисбатан камтар гашта бошад ҳам, пошхӯрии оилаҳои ҷавон ҳамоно аз масъалаҳои доғи рӯз боқӣ мемонад, зеро вайроншавии оила боиси аз меҳру муҳаббати волидон дур гаштани кӯдакони ноболиғ гашта, ба ҳоли рӯҳию равонӣ ва тарбияи атфол таъсири манфӣ мерасонад".

Тавре раиси Кумитаи кор бо занон ва оила қайд намуд, сабабҳои асосии вайроншавии оилаҳои ҷавон набудани ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром байни аъзои оила, дахолат кардани хушдоману хоҳаршӯй ва дигар аъзои хонавода ба зиндагии зану шавҳарони ҷавон, никоҳи бармаҳал, хушунату зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон, рашк, хиёнат, нобоварӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар омилҳо мебошанд. Зӯроварӣ дар оила яке аз сабабҳои асосии пош хӯрдани оилаҳои ҷавон буда, дар шаш моҳи соли равон 2121 арзу шикоятҳо марбут ба зӯроварӣ ворид гаштаанд, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 227 адад бештар аст. Аз ин шумора 1763 шикоят аз болои мардон ва 251 шикоят аз болои занон мебошад.

**ЗӮРОВАРӢ**

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки новобаста ба ҳама талошҳо барои коҳиш додани хушунат дар ҷомеа ҳамоно зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон тамоюли афзоиш дорад. Бояд гуфт, ки шумораи ҷиноятҳои алайҳи занон содиршуда низ зиёд буда, дар шаш моҳи соли 2025 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 1810 ҷинояти нисбати бонувон содиршуда ба қайд гирифта шудааст, ки дар қиёс бо ҳамин давраи соли пешин 186 ҷиноят бештар мебошад. Таассуфовар аст, ки дар бадали ним сол 102 нафар занон ва духтарони ноболиғ даст ба худкушӣ ё қасди худкушӣ задаанд.

Бо мақсади пешгирии чунин ҳодисаҳои номатлуб ва пош хӯдани оилаҳои ҷавон Кумитаи кор бо занон ва оила тавассути гардишҳои "хона ба хона" бо аъзои 430 ҳазору 264 оилаҳо суҳбатҳои инфиродӣ гузаронида, ҳамзамон бо усули "маҳал ба маҳал" ва "деҳа ба деҳа" 3847 ва бо усули "мактаб аб мактаб" 975 корҳои тарғиботию ташвикотиро роҳандозӣ намудааст.

"Аммо ҳамаи ин барои ба пуррагӣ решакан намудани зӯроварӣ дар оила, пешгирии талоқу пошхӯрии оилаҳои ҷавон, никоҳҳои бармаҳал ва хешутаборӣ, худкушию сӯиқасд ба худкушӣ, шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва дигар падидаҳои номатлуб, ки солҳои охир дар ҷомеаи мо ба мисли зархпечак реша давондаанд, кофӣ нест. Масъалаҳои номбурда аз ҷумлаи масоили доғи рӯз буда, мубориза бо ин падидаҳои ногувор танҳо кори як кумита ё мақомот нест, тамоми аҳли ҷомеа бояд дар ин самт корбарӣ намоянд. Аз ҷумла омӯзгорон, табибон ва рӯҳониён - домуллоҳое, ки ҳар рӯз дар масҷид бо аҳолӣ вомехӯранд, бояд сари ин мавзӯъ бештар бигӯянд ва мардумро ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд",- таъкид намуд раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода.

**Фирӯза САТТОРӢ**

# ЧАЛАИ НИКОҲӢ КУҶО ШУД?



**Вақтҳои охир дар саҳифаҳои васоити ахбори омма ҷиҳати афзоиши бекоршавии ақди никоҳ хабару гузоришҳои зиёдеро мехонем. Аз таҷрибаи фаъолияти меҳнатиам дар мақомоти судии кишвар медонам, ки ин мушкил аз замони қадим инсониятро ба ташвиш оварда буд ва дар оянда низ ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз ва ҳалнашавандаи ҳаёти ҷомеа табдил меёбад.**

Қавму қабила ва халқу миллатҳои гуногуни сайёра барои муқаддас гардонидани ҳаёти оилавӣ чанд тадбирҳои рухбахшу тантанавиро эҷод карда буданд. Насрониён бастани ақди никоҳро дар калисо матраҳ менамуданд ва бо ин васила ба навхонадорон мефаҳмониданд, ки оила бо ризоияти Парвардигор ба миён меояд. Ақди никоҳи мардуми мусалмонро мулло бо хондани хутбаи никоҳ арзи ҳастӣ мебахшад.

Пайдоиши оила ва муқаддас хондани онро ҳар қабилаву авлод бо нишонаҳои махсус қайд менамоянд. Масалан, ҳамсари ҷавони ҳинду дар байни ҳар ду абрӯяш хол мегузорад. Аврупоиён ин анъанаро бо ба ангушти номаълум гузаронидани чала қайд менамоянд. Ин амали неки онҳоро баъдан тамоми мардуми дунё қабул намудааст.

Мо, тоҷикон, мардуми ориётабори тамаддунофар пайдоиши оиларо бо бастани шартномаи байни ҳамсарон кабуд карда будем. Ин таҷрибаи моро айни ҳол дар Ғарб васеъ истифода мебаранд ва мо мутаассифона хеле дер, пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба ин амали нек рӯ овардем.

Тавре дар боло қайд намудем, яке аз шартҳои оиладорӣ, эҳтироми ячейкаи аввалини давлатӣ чаладории зану мард ба ҳисоб меравад. Вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ангуштони ҳамсарони тоҷик қариб ки чалаи оиладориро намебинем. Маълум нест, ки мардону занони тоҷик гӯё аз чалагузорӣ шарм медошта бошанд ва ё сирри оиладориашонро пинҳон доштан мехоҳанд. Ҳол он ки ин ҳамсарони хонадор дар мақомоти баландпояи давлатӣ фаъолият доранд ва аз минбарҳои баланд маҳз дар бораи ҳифзи оиладорӣ, кам кардани афзоиши бекоршавии ақди никоҳ бо овози баланду мутантан суханронӣ мекунанд.

Ҳатто аксарияти кормандони сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, адвокатҳо, судяҳо, прокурорҳо, вазирону кабирон, вакилони мардумии ҳар ду палатаҳо, омӯзгорон, табибон, кулли зиёиёни кишвар ва дигар масъулони баландпояи давлатӣ, ки ҳифзи оила вазифаи аслӣ, ҷонӣ ва давлатиашон ба ҳисоб меравад, дар ангуштонашон чалаи никоҳиро намебинем. Ба ангушт гузаронидани чала масъулияти бузургест дар назди фарзандон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. Агар бо ин амали муқаддас, ки инсоният аз замонҳои қадим онро ихтироъ кардааст, бо дили пок муносибат кунем, теъдоди бекоршавии ақди никоҳро ба маротиб коҳиш дода, дар тарбияи насли наврас дар руҳи пойдориву муқаддасоти оиладорӣ ба натиҷаҳои умедбахш ноил мегардем.

Аз ин рӯ, эй мардум, эй зану марди тоҷики тамаддунофар, аз ба ангушт гузаронидани чалаи никоҳӣ шарм надоред ва бо ин амали неки худ ба бекоршавии ақди никоҳ зарбаи ҳалокатовар расонед.

**Зариф ҒУЛОМ,**
**адиб**

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар шаҳри Душанбе ба зудӣ сохтмони бинои ду маркази муҳими илмӣ - Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) ва Маркази ҳуши маснуӣ оғоз хоҳад ёфт.**

Дар ин бора президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Қобилҷон Хушвахтзода дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфтаи ӯ, қарори марбута дар мавриди сохтмони марказҳо аз ҷониби раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ қабул шудааст. Лоиҳа дар ҳамкории Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо Донишгоҳи наклиёти Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ мегардад.



**Дар ду даври бақайдгирии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД)-и соли 2025 дар Тоҷикистон 92 ҳазору 991 нафар номнавис шуданд. Ин шумора нисбат ба соли 2024-ум 10 ҳазору 499 нафар зиёд аст.**

Дар ин бора директори Маркази миллии тестии назди Президенти Тоҷикистон Сабзалӣ Ҷаъфарзода иттилоъ дод. Имсол 127 муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба қабули донишҷӯён шомиланд, аз ҷумла як муассисаи нав - филиали Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Бохтар бори аввал ба низоми ИМД ҳамроҳ шудааст.



**Дар нишасти матбуотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гуфта шуд, ки дар соли 2025 музди меҳнати омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ 15 фоиз зиёд шуд.**

Тавре ректори донишгоҳ, профессор Эмомалӣ Насриддинзода иттилоъ дод, афзоиши музди меҳнат яке аз дастовардҳои муҳими донишгоҳ дар соли ҷорӣ ба шумор меравад ва барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии ҳаёти омӯзгорон равона гардидааст. Ҳамзамон, ба Донишгоҳи миллӣ иҷозат дода шудааст, ки 12 ихтисоси нав дар зинаи бакалавр фаъол намояд.

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**



*Муҳаммад Наҷибуллоҳ - Президенти Афғонистон*

## НАҶИБУЛЛОҲ: ОХИРИН БОЗИГАР ВА ОҒОЗИ ФУРӮПОШӢ

Ҳангоме ки Бабрак Кармал канор зада шуд, ба ҷойи ӯ шахсе нишаст, ки чеҳраи сиёсати шӯравӣ дар шакли ниҳоят сахтгир ва махфӣ буд: Наҷибуллоҳ, раиси ХАД - ҳадамоти амнияти давлатӣ, ки тамоми шабакаҳои ахбори дохилӣ ва пайгирии мухолифинро зери назорат дошт. Ӯ ҳамчун шахси огаҳ, қатъӣ ва босалиқа муаррифӣ мешуд, аммо аз рӯзи аввали қудрат гирифтори мероси фоҷиавии Кармал гардид - ҳукумати беэътимод, миллате дар хашм ва замине сӯхта.

## ҲУКУМАТИ НАҶИБ - ПОРАИ НИҲОИИ ПОРЧА

Он чӣ ки бо номи «Сиёсати оштии миллӣ» боз ҳам аз забони Наҷибуллоҳ таблиғ мешуд, воқеан охирин кӯшиши Шуравӣ буд, то берунравии худро аз Афғонистон бо сари баланд ба намоиш гузорад. Шӯравӣ дигар дар гирдоби худ фурӯ мерафт - Горбачёвро мушкилоти дохилӣ, ислоҳоти «перестройка» ва фишори Ғарб мағлуб мекард. Ва Афғонистон дигар майдони тафаккури идеологӣ набуд, балки бори вазнини сиёсие, ки бояд партофта мешуд.

Наҷибуллоҳ медонист: ҳифзи қудрат барои ӯ на танҳо масоили сиёсати дохилӣ, балки масъалаи биологӣ - зинда мондан аст.

## ҶАНГ БО СОЯҲО

Наҷиб давлати худро дубора созмон дод. Системаи амниятиро тақвият бахшид. Бо раҳбарони қабилаҳо, афсарони муҷоҳидин, рӯҳониён ва ҳатто сиёсатмадорони собиқ гуфтугӯ кард. Ҳадаф як буд: наҷот.

Вале на ҳама омодаи чунин ҷойнишинӣ буданд. Муҷоҳидин, ки аз марги Тараӣ, заҳролудшавии Амин ва шикасти Кармал рӯҳ гирифта буданд, ҳоло медонистанд - неруи Шӯравӣ дар ҳоли хуруҷ аст. Ва Наҷиб, ҳарчанд ботаҷриба ва сахтгир буд, дигар пуштибон надошт.

## ШИКАСТ ДАР АБРҲО МЕНИШАСТ

Соли 1989 неруҳои Шӯравӣ Афғонистонро тарк карданд. Наҷиб гуфт: «Ман ҳатто бе Маскав низ метавонам!». Аммо ин танҳо як шиор буд. Аз паси ин сухан дигар чизи воқеие намеомад.

Баъди берунрафти неруҳои шӯравӣ, ҳукумати Наҷиб ба як ҷисми зоҳиран зинда, аммо ботинан мурда табдил ёфт. Хазинаҳо холӣ шуданд. Ҳизб фурӯ пошид. Вилоятҳо як ба як ба дасти муҷоҳидин гузаштанд.

Ва рӯзе расид, ки ҳавопаймои русӣ аз Кобул ба самти Маскав бархост, вале Наҷибуллоҳро бо худ набурд.

## ИБРАТНОМАИ ФОҶИА

Баҳори соли 1992 муҷоҳидин ба Кобул расиданд. Наҷибуллоҳ ба қароргоҳи СММ паноҳ бурд. Дар он ҷо чаҳор сол ба умеди афви сиёсӣ ва созиш бо қудратҳои нав зиндонии беманзур гашт - зиндоние бе додгоҳ, бе озодӣ ва бидуни кафолати амният. Аммо таърих боз як гардиши фоҷиавӣ гирифт: соли 1996, вақте ки Толибон - фарзандони нави майдони ҷанг, вале бо шева ва шиддати дигар - бо шиори «ислоҳ» вориди Кобул шуданд, Наҷибуллоҳ ва бародарашро аз паноҳгоҳи СММ берун кашиданд. Онҳо пас аз шиканҷа ба таври ваҳшиёна ба қатл расонида шуданд - ҷасадҳояшонро дар майдони марказии шаҳр ба дор овехта, ҳамчун "ибрат" ба мардум ба намоиш гузоштанд. Ин на танҳо анҷоми сарнавишти Наҷибуллоҳ, балки оғози фасли сиёҳи дигаре дар таърихи Афғонистон буд.

Ҳукумати Наҷибуллоҳ охирин намоиши драмавии як идеология буд. Шикаст хӯрда, танҳо монд. Даҳон пӯшида, ҷон дод. Ва он чӣ аз ӯ боқӣ монд, фақат як ибратнома буд: «Ҳеҷ ҳукумати хориҷӣ барои ҳамеша боқӣ намемонад. Ва раҳбари бе халқ - як ҷасади дирӯзист».

Он чӣ бо наслҳо бо шиору парчам ва ёдгориҳо талқин мешуд, бо як тасвири даҳшатбор аз таноби дор дар майдони шаҳр поён ёфт.

Наҷибуллоҳ, ки мехост бо забони сулҳ гап занад, дар ниҳоят қурбонии забони хомӯши ҷаҳониён ва шиканҷаи бераҳмонаи замон гашт.

## ВУРУДИ ТОЛИБОН - ОҒОЗИ ЯК ЗУЛМИ ТОЗА

Он чӣ баъди фурӯпошии ҳукумати Наҷибуллоҳ ба Кобул омад, сулҳ не - оромии қабристон буд. Толибон омаданд, на бо мақсади ободонӣ, балки бо мароми якдилии зӯрварӣ. Пойи аспҳояшон дар кӯчаҳои сангфарши Кобул садои зани афғонро барои солҳо хомӯш кард. Китоб баста шуд. Мактуб сӯхт. Пардаи театру овози сурудҳо хомӯш шуданд. Дар навбати аввал, ханда аз лаби духтари мактабхон ғайб зад.

Толибон Кобулро гирифтанд, вале қалби миллатро нагирифтанд. Онҳо зулм карданд - бо тасбеҳе дар даст ва тӯпе бар дӯш. Фарҳанг барои онҳо бидъат буд. Ҳунар - фисқ. Илм - шубҳа. Ва зани босавод - гуноҳи нобахшиданӣ.

На танҳо ҳокимият, балки нафас кашидани мардум низ таҳти назорат даромад. Толибон як давлати шариатӣ эълон карданд, аммо шариатро чун асое барои шиканҷаи миллат истифода бурданд.

Аз он лаҳза, ки Наҷибуллоҳро дар маркази Кобул ба дор овехтанд, ҷаҳон донист: як чодари нав бар саҳнаи сиёсии Афғонистон овехта шуд - чодаре, ки аз он бӯи тарс ва хун меомад.

## СОЯИ АМРИКО, БОЗГАШТИ ИШҒОЛ

Мардуми раҳошуда аз зулми Толибон умед доштанд, ки бо вуруди Амрико ва эътилофи байналмилалӣ рӯ ба рушд меоранд. Аммо Афғонистон боз ҳам ба саҳнаи "ҷанг ба номи сулҳ" табдил ёфт. Амрико бо шиори мубориза бо терроризм ворид шуд, вале зудтар аз он ки Толибон поин рафтанд, пойгоҳи аскарони хориҷӣ бар теппаҳои Кобул бунёд ёфт.

Ин навбат, тӯпу тонкро либоси демократия пӯшониданд. Пешвоёнро интихоб карданд - бо интихоби ғайримардумӣ. Ва давлат сохтанд - бо пули беруна, вале пояҳои ватании суст.

Аз шариати Толиб то демократияи бидуни хирад, мардуми Афғонистон боз ба як таҳлукаи нав гирифтор шуданд. Корвонҳои кумак ворид мешуданд, аммо анборҳои гуруснагӣ холӣ намешуданд. Рақами қурбониёни ҷанг кам намешуд, аммо дурӯғ рӯ ба афзоиш дошт.

## ТОҶИКПАРҲЕЗИИ ТОЛИБОН - СИЁСАТЕ БА РАНГИ НАФРАТ

Аз рӯзҳои нахустини ба сари қудрат омадани Толибон дар фазои сиёсии Афғонистон як бӯйи аҷиби маҳрумият, табъиз ва нафрат мечархид. Ва ин бӯй - бархоста аз афкори тундрав ва тафаккури қавмгароёнаи раҳбарони Толибон - бештар аз ҳама ба сӯи тоҷикон мекашид. Чунон менамуд, ки барои онҳо тоҷик будан - гуноҳест нобахшиданӣ.

Толибон ҳанӯз ҳукумати худро мустақар накарда буданд, ки нишонаҳои тоҷикпарҳезии онҳо рӯшан ва ошкор гашт. Забони форсӣ (дар расмият дарӣ), ки тӯли садсолаҳо забони адаб, фарҳанг ва маорифи Афғонистон буд, аз равзанаи мактабҳо ва идораҳо берун андохта шуд. Ба ҷойи он пашту, бо ҳамроҳии як шеваи расмии тундравона, тадриҷан ба забони давлат табдил ёфт. Китобҳо, шиорҳо, таълимномаҳо - ҳама бо забоне буданд, ки на ҳар шаҳрванди ин кишвар онро мефаҳмид.

Сиёсати кадрии Толибон низ як паҳлуи дигари тоҷикпарҳезии онҳоро фош кард. Дар ҳукумату вазоратҳо, дар идораҳои амниятӣ, дар ҳайатҳои музокиротӣ - тоҷикон, ҳатто агар чеҳраҳои варзидаву донишманд буданд, ё ҷой надоштанд, ё дар зинаҳои поёнӣ маҳдуд мешуданд. Бархе ҳатто маҷбур шуданд, ки барои зинда мондан ё гурезанд, ё хомӯш шаванд.

Тоҷикони Панҷшер, ки дар даврони муқовимати муҷоҳидин ва баъдан таҳти роҳбарии Аҳмадшоҳ Масъуд чеҳраи асосии муқовимат буданд, аз аввали ташаккули ҳукумати Толибон ҳамчун душманони ашаддӣ шинохта мешуданд. Бо забони хомӯш, аммо амалкарди ваҳшатбор, Толибон мекӯшиданд, ки на танҳо Панҷшерро шикаст диҳанд, балки рӯҳи тоҷиконро дар он маҳв созанд.

Тоҷикпарҳезии Толибон танҳо сиёсӣ набуд - он фарҳангӣ ҳам буд. Ҷашнҳо, сурудҳо, таърих, номҳои кӯчаҳо - ҳама чизе, ки ранги тоҷикиро дошт, як-як аз байн мерафт. Гӯё як мардуми куҳанбунёд, бо шеъру қаҳрамонӣ ва таърихи сарфарозаш, бояд аз хотираи ин кишвар пок карда мешуд.

Аммо ин сиёсат на танҳо инсонгаро набуд, балки оқибат низ надошт. Миллате, ки чун кӯҳи Ҳиндукуш сабр дорад, вале аз решаҳо об мехӯрад, фаромӯш намекунад. Тоҷикон дар он сатрҳои хомӯши таърих, дар шеъри саргузаштагони худ, дар нидои Аҳмад Зоҳир ва Масъуд ҳанӯз зиндаанд. Ва ин зиндагӣ - посухест ба ҳар зулме, ки мехоҳад онҳоро нобуд созад.

Тоҷикпарҳезии Толибон, дар асл, нобудии эҳтиром ба Афғонистони воқеӣ буд. Зеро Афғонистон бе тоҷик, бе форсӣ, бе фарҳанги Хуросон - танҳо як нақшаи сунъӣ мемонад, на як кишвар.

**(Давом дорад)**

**Шариф Ҳамдампур**

# БАРҚ

## ИСТЕҲСОЛ, СОДИРОТ ВА ҚАРЗДОРОН



### Истеҳсоли барқ

**ЧСК “Барқи тоҷик”**
*8 млрд 893,4 млн кВт.с*

**ЧСК “НБО Сангтӯда-1”**
*1 млрд 480,2 млн кВт.с*

**ЧСК “НБО Роғун”**
*836 млн кВт.с*

**ЧСК “НБО Сангтӯда-2”**
*487,8 млн кВт.с*

**ЧСК “Помир Энерҷи”**
*111,2 млн кВт.с*

**НБО-ҳои хурд**
*6,9 млн кВт.с*

### Содироти барқ

**Ба Афғонистон**
718 млн кВт.с
*Бо маблағи 312 млн сомонӣ*

**Ба Ӯзбекистон**
395,8 млн кВт.с
*Бо маблағи 9 млн сомонӣ*

**Ба дигар кишварҳо**
9,5 млн кВт.с
*Бо маблағи 1,6 млн сомонӣ*

### Қарздорони бузург аз барқ

**Истеъмолгарони маишӣ**
*Ҳудуди 1,7 млрд сомонӣ*

**ЧСК “Ширкати алюминии тоҷик”**
*718 млн сомонӣ*

**Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ**
*238,1 млн сомонӣ*

**Муассиса ва ташкилоти буҷетӣ**
*108,3 млн сомонӣ*

**КВД “Корхонаи обу корез”**
*16,4 млн сомонӣ*

### Талафот

**Талафоти умумӣ:** 2 млрд 262,2 млн кВт.соат
Баробар ба **17,2%**-и истеҳсол
**3,3** кам дар муқоиса бо ҳамин давраи соли **2024**

**Манбаъ: Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон**

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Бо мақсади беҳтар намудани шароити таълим дар ноҳияи Ёвон сохтмони 112 синфхона ва се бинои иловагӣ идома дорад.**

Ба иттилои раиси ноҳия Икромиддин Ализода, баъди анҷоми корҳои сохтмонӣ 6400 ҷойи нишаст барои хонандагон муҳайё мешавад.

Сохтмони иншоот дар назди 10 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла мактабҳои рақами 18, 22 ва 27 бо дастгирии Вазорати маориф ва илм, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд ва саҳми соҳибкорони маҳаллӣ амалӣ мешавад.



**Соли таҳсили ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикисон 13 ихтисоси нав таъсис дода шуд.**

Дар ин бора ректори донишгоҳ Шероз Мӯминзода зимни нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки ихтисосҳои нав асосан дар самти омӯзгорӣ ва техникӣ таъсис ёфта, қабули донишҷӯён аллакай дар соли таҳсили нав ба роҳ монда шуд. Ҳамчунин, дар донишгоҳ нақшаи қабули донишҷӯён пурра иҷро гардидааст.



**Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Левакант бунёди 93 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.**

Дар ин бора раиси шаҳр Мастура Муминзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи раиси шаҳр, аз соли 2022 то имрӯз 64 иншоот мавриди истифода қарор гирифт. Танҳо дар шаш моҳи соли ҷорӣ 14 иншоот сохта шуда, то охири сол боз 13 иншооти дигар ба истифода дода мешавад.

# ШАРҲИ МУХТАСАР ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025

**1-уми августи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2025 баргузор гардид.**




Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс зимни суханронӣ изҳор дошт, ки Бонки миллӣ фаъолияти худро тибқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бармеоянд, инчунин дар асоси “Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат” роҳандозӣ намудааст. Дар нимсолаи якуми соли 2025 сатҳи таваррум 1,8 фоизро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ кам мебошад. Таварруми солона бошад, дар моҳи июни соли ҷорӣ дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5 фоиз ± 2 б.ф.) қарор дошта, 3,6 фоизро ташкил дод.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, арзёбии коҳиш ёфтани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин аз доираи ҳадафи муқарраргардида паст қарор доштани сатҳи таваррум дар ин давра тадриҷан 0,75 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 8,25% солона муқаррар гардид.

Қайд гардид, ки қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба андозаи 9,4 фоиз устувор гардид. Бо назардошти вазъи мураккаби иқтисоди ҷаҳон дар ин давра қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфт. Аз ҷумла, қурби рубли Федератсияи Россия 22,8 фоиз, рубли Беларус 14,6 фоиз, тангаи Қазоқистон 0,6 фоиз, сӯми Ӯзбекистон 2,1 фоиз, юани Чин 0,4 фоиз устувор гардида, лираи Туркия 12,6 фоиз ва соми Қирғизистон 0,5 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфт.

Дар кишвар то санаи 30-юми июни соли 2025 дар маҷмуъ 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 23 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 22 фонди қарзии хурд фаъолият намудааст. Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ ба 1 942 адад баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 43 адад зиёд аст.

Дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои моҳи июни соли 2025 ба 52,2 млрд сомонӣ ва 42,1 млрд сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 мувофиқан 26,8 фоиз (ё 11,0 млрд сомонӣ) ва 27,0 фоиз (ё 8,9 млрд сомонӣ) зиёд мебошанд. Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 30-юми июни соли 2025 ба 10,1 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли 2024 ба андозаи 2,1 млрд сомонӣ ё 25,7 фоиз зиёд шудааст.

Бақияи умумии пасандозҳо дар ин давра 29,3 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли гузашта 39,0 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо аз рӯи ҳисса бо пули миллӣ 59,4 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 40,6 фоизро ташкил намуд. Дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ 12,7 млрд сомонӣ ё 43,5 фоиз ва ҳиссаи шахсони воқеӣ 16,6 млрд сомонӣ ё 56,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми қарзҳои додашуда 13,7 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,1 млрд сомонӣ ё 28,9 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 49,8 фоиз, савдои хориҷӣ 15,1 фоиз, кишоварзӣ 12,6 фоиз, саноат 9,3 фоиз, хизматрасонӣ 6,4 фоиз, сохтмон 3,6 фоиз ва дигар соҳаҳо 3,2 фоиз рост меояд. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 27,7 фоиз ё 3,8 млрд сомонӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд. Дар ин давра ба маблағи 10,2 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,0 фоиз зиёд мебошад.

Гуфта шуд, ки то санаи 30-юми июни соли 2025 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 9,1 млн ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 20,5 фоиз (1,6 млн адад) зиёд мебошад. Инчунин, дар ҳамин давра шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 15,7 млн адад баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 50,8 фоиз (5,3 млн адад) афзоиш ёфтааст.

Ба санаи ҳисоботӣ барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ 12 369 адад терминали электронӣ насб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 7,2 фоиз (833 адад) зиёд мебошад. Аз шумораи умумии терминалҳо 5 659 адад махсус барои қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешаванд, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли гузашта 6,9 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар муассисаҳои савдою хизматрасонии ҷумҳурӣ 25 388 ҳазор QR-рамзи ягона насб карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 54,1 фоиз (8 916 адад) зиёд мебошад. Аз шумораи умумии QR-рамзҳо 3 922 адад махсус барои қабули пардохтҳои хизматрасонии музднокии давлатӣ пешбинӣ шудаанд ва нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли гузашта 44,4 фоиз (1 205 адад) афзоиш ёфтааст. Илова ба ин, барои пур кардани суратҳисобҳои кортӣ, пардохти молу хизматрасониҳо ва анҷом додани дигар хизматрасониҳои бонкӣ дар қаламрави кишвар 7,6 ҳазор терминали худкори худхизматрасон насб карда шудааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 56,3 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 19,4 млрд сомонӣ гузаронида шуд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 аз рӯи шумора 34,9 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёт 51,0 фоиз афзоиш ёфтаанд. Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ дар ин давра 71,8 фоиз ба 28,2 фоизро ташкил дода, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Зимнан қайд гардид, ки БМТ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, БАТР, БОР, Бонки рушди Авруосиё, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷӣ ҳамкории судманд ба роҳ мондааст.

Дар давраи ҳисоботӣ Шурои иҷроияи ХБА доир ба машварати моддаи IV ва шарҳи дуюми татбиқи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат барои Тоҷикистон дар соли 2025 изҳорот дода, нишондиҳандаҳои иқтисодии кишварро мусбат арзёбӣ намуд. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ дар нимсолаи якуми соли 2025 ба низоми бонкии кишвар 3,0 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 79,0 фоиз зиёд мебошад.

Инчунин, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ширкати байналмилалии рейтингии “Standard & Poor's” рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи “B” бо дурнамои “устувор” ва ширкати байналмилалии рейтингии “Moody’s” рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дараҷаи “B3” бо дурнамои “мусбат”тасдиқ намуд. Интишор намудани ҳисоботҳои рейтингӣ ба ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус ба низоми бонкии кишвар, беҳтар гардидани мавқеи кишвар дар ҳисоботҳои байналмилалӣ, воридшавӣ ба бозорҳои фондии байналмилалӣ, таъмини фазои сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

Дар қисмати саволу ҷавоби нишаст намояндагони воситаҳои ахбори омма ба саволҳо оид ба Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, захираҳои байналмилалӣ ва сохтори асъории он, таваррум, қурби асъор, дедоларикунонии иқтисодиёт, тадбирҳо оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, пешниҳоди навъҳои гуногуни хизматрасониҳои пардохтӣ, қарзҳо барои рушди соҳибкории занону бонувон, интиқоли маблағҳо, фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷамъбасти нишаст ба намояндагони ВАО барои ҳамкории судманд, инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ миннатдорӣ баён намуда, барои боз ҳам тавсеа бахшидани ҳамкориҳои самарабахш омодагии худро изҳор дошт.

БОНКДОРӢ



# АМОНАТБОНК

## Фоида, сармоя ва андоз - нишондодҳо рӯ ба афзоиш

**Дар нимсолаи якуми соли 2025 Амонатбонк нишондиҳандаҳои муҳими молиявиро ба таври назаррас беҳтар намудааст. Фоидаи бонк то андозбандӣ ба 96,1 млн сомонӣ ва пас аз андозбандӣ ба 77 млн сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 фоиз зиёд мебошад. Сармояи умумии бонк ба зиёда аз 1 млрд сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 12,4% афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет 62,1 млн сомониро ташкил дода, 22,6% бештар аст.**

### АМОНАТБОНК ПЕШСАФ ДАР ҶАЛБИ ПАСАНДОЗҲО

Бақияи умумии пасандозҳо (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ба санаи 30-юми июни соли 2025 ба 7,7 млрд сомонӣ расидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 31,7% афзоиш ёфта, мавқеи бонкро дар низоми бонкии кишвар мустаҳкамтар намудааст. Аз ҷумла, пасандозҳои аҳолӣ 2,9 млрд сомонӣ (+18,1%), пасандозҳои мӯҳлатнок 1,3 млрд сомонӣ (+16,6%), фоизҳои пардохтшуда ба аҳолӣ 52,6 млн сомонӣ (+31,9%)-ро ташкил медиҳад. Амонатбонк ҳамзамон ду маҳсулоти нави пасандозиро роҳандозӣ намудааст: "Имконият" бо рубли русӣ ва "Дастрас" платформаи рақамӣ бо сомонӣ ва доллар аст.

### САРМОЯГУЗОРӢ ВА ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРӢ

Амонатбонк ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ва рушди бахши воқеии иқтисод иқдомҳои муассир андешидааст. Хати қарзии Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ӯзбекистон 15,6 млн доллар ва хати қарзии аккредитивӣ бо "KAZAKHEXPORT" 24,6 млн доллар ва шартнома бо Бонки давлатии рушди Хитой 400 ҳазор долларро ташкил медиҳад.

### 1 МЛРД СОМОНӢ БА БЕШ АЗ 28 ҲАЗОР МИЗОҶ

Дар соли равон ҳаҷми умумии қарздиҳӣ ба 1 млрд сомонӣ расидааст, ки 7,9% зиёд аст. Аз ҷумла, саноат - 11,1%, кишоварзӣ - 17,6%, қарзҳои истеъмолӣ - 54,2%, сохтмон - 9,1%, тиҷорат - 6,8% ва соҳаҳои дигар - 1,2%-ро ташкил медиҳад.

Қарзҳои ипотекӣ низ афзоиши назаррас доранд. Ба 113 нафар дар ҳаҷми 34 млн сомонӣ, ки 4 маротиба зиёдтар нисбат ба соли гузашта мебошад.

Амонатбонк сиёсати фоизии худро низ таҷдид намуда, барои соҳаҳои афзалиятнок фоизҳоро коҳиш дод: сохтмон - 20% (-4%), саноат - 18% (-2%), кишоварзӣ - 19% (-2%), тиҷорат - 22% (-2%), ипотека аз 14% то 18% вобаста ба мақсад. Ҳоло қарзҳо бо пули миллӣ бо фоизҳои 10% то 24% ва бо асъори хориҷӣ 7% то 12% пешниҳод мешаванд.

### ПЕШСАФ ДАР РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ

Амонатбонк ба рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ ва рақамигардонии хизматрасониҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад: 5 086 адад таҷҳизоти электронӣ (POS-терминалҳо), 3 658 QR-рамз дар муассисаҳо ва бахши хусусӣ, 16 550 ташкилот ба интернетбонкинг пайваст шудаанд.

Гардиши маблағ тавассути кортҳо 17,2 млрд сомонӣ (+22,4%)-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ба 40% расидааст.

### МАСЪУЛИЯТИ ИҶТИМОИИ АМОНАТБОНК

Амонатбонк дар иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ низ фаъол аст. Мактаб-интернати №5-и шаҳри Душанбе зери сарпарастии Амонатбонк қарор дорад. Ба маблағи 45,3 ҳазор сомонӣ маводи зарурӣ дастрас гардидааст. Кумакҳои хайриявии расонидашуда 353,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар рӯзҳои шанбе ҳамчун рӯзи қабули шаҳрвандон, ба шахсони ниёзманд кумакҳои молиявӣ расонида мешавад.

### БОНКИ МАРДУМӢ

Амонатбонк дар нимсолаи аввали соли 2025 собит сохт, ки ҳамчун бонки мардумӣ ва боэътимод на танҳо дар рушди соҳаи бонкдорӣ, балки дар пешбурди иқтисоди миллӣ ва дастгирии аҳолӣ саҳми муассир дорад. Ҳоло Амонатбонк ба сӯйи марҳилаҳои нави рушд қадам мегузорад.

### ҲАҶМИ САРМОЯ АЗ 1 МИЛЛИАРД СОМОНӢ ГУЗАШТ

Ҳаҷми сармояи Амонатбонк дар нимсолаи аввали соли 2025 ба зиёда аз 1 миллиард сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,4 фоиз зиёд мебошад. Амонатбонк ҳамчун яке аз ниҳодҳои пешбари низоми бонкии кишвар саҳми назаррас дар таъмини дастрасии молиявӣ ва дастгирии бахшҳои афзалиятноки иқтисод дорад. Дар шаш моҳи соли ҷорӣ танҳо ба соҳаи саноат 130 миллион сомонӣ қарз дода шудааст. Ин иқдом дар доираи татбиқи сиёсати Ҳукумати мамлакат оид ба рушди истеҳсолоти ватанӣ сурат мегирад. Ҳамзамон, бо мақсади дастгирии донишҷӯён, хонандагон ва падару модарони онҳо, Амонатбонк иқдоми махсуси «Нури дониш»-ро роҳандозӣ намудааст. Тибқи он, шахсони хоҳишманд метавонанд бо фоизи 16% солона маблағи аз 10 то 30 ҳазор сомонӣ қарз гиранд. Ин қарз ба ҳадафи дастгирии хароҷоти таҳсил ва ниёзҳои омӯзишии донишҷӯён равона шудааст.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# АЗ ХАРОҶОТИ БЕҲУДА ТО ПАСАНДОЗИ ОҚИЛОНА

**Шахсоне, ки маблағи худро оқилона истифода мебаранд, на танҳо зиндагии беҳтар доранд, балки дар ҷомеа низ устувортар ва мустақилтаранд. Дар замони муосир, ки ҷомеа рӯ ба бозор ва рақобати озод овардааст, донистани роҳҳои дурусти истифодаи маблағ ба шартҳои асосии зиндагии босубот табдил ёфтааст. Иқтисоди бозорӣ талаб мекунад, ки шахс дониши молиявӣ дошта бошад, хароҷоту даромади худро дуруст танзим намояд. Ҳамчунин, хавфҳои молиявиро дарк ва оқилона амал намояд.**

### ИДОРАИ ПУЛИ ШАХСӢ ЧИСТ?

Идораи пули шахсӣ қобилияте аст, ки ба шахс имкон медиҳад, то даромади худро самаранок истифода барад. Зиндагии устувору мақсаднокро пеш барад. Ба ин пеш аз ҳама банақшагирии буҷет, пасандоз, истифодаи дурусти қарз, сармоягузорӣ ва муҳофизати бехатарии молиявӣ дохил мешаванд.

### РОҲҲОИ МУҲИМИ ИДОРАИ МОЛИЯ

Тартиб додани буҷет. Шахс бояд ҳар моҳ даромад ва хароҷоти худро рӯйхат кунад, то вокеан ҳам донад, ки маблағ ба куҷо сарф мешавад ва чӣ миқдор метавон пасандоз кард.

Пасандоз ва фонди эҳтиётӣ. Нигоҳ доштани маблағ барои ҳолатҳои изтирорӣ, беморӣ, таъмири хона ё аз даст рафтани ҷои кор.

Қарздорӣ бо масъулият. Гирифтани қарз бояд дар асоси зарурат ва имкони баргардон сурат гирад, на барои хароҷоти кайфу сафо ё намоиш.

Муқоисаи нарх ва арзиш. Харид бояд бо муқоисаи нархҳо ва фоида анҷом ёбад, на аз рӯйи ҳавас ё намоишкорона.

Амнияти молиявӣ. Муҳофизати кортҳо, паролҳо, маълумоти шахсӣ ва шинохти қаллобии молиявӣ.

### МУШКИЛОТ ДАР ЧИСТ?

Яке аз сабабҳои аслии мушкилоти иқтисодии шаҳрвандон надоштани саводи молиявӣ ва беаҳамиятӣ ҷиҳати банақшагирии даромад аст. Онҳое, ки дарк намекунанд, ки ҳар сомонӣ бояд бо мақсад харҷ шавад, зуд зери бори қарз дар ҳолатҳои ғайричашмдошт бе кумак мемонанд.

Дар шароити Тоҷикистони муосир бо назардошти таваррум, болоравии нархи маҳсулот ва афзоиши хароҷоти рӯзгор, идораи пули шахсӣ бояд ба як одати ҳар як шахс табдил ёбад. Махсусан, барои ҷавонон, оилаҳои ҷавон ва кормандони давлатӣ омӯхтани малакаҳои молиявӣ роҳи мустақим ба зиндагии беҳтар аст.

Бинобар ин, шахсоне, ки маблағи худро оқилона истифода мебаранд, на танҳо зиндагии беҳтар доранд, балки дар ҷомеа низ устувортар ва мустақилтаранд. Ҳар касе, ки мехоҳад соҳиби молияи мустаҳкам гардад, бояд омӯзад, таҷриба андӯзад ва масъулияти молиявиро дар зиндагии харрӯзааш ҷой диҳад.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Соли равон дар Тоҷикистон 129 корхона муваққатан аз фаъолият монд ва ё фаъолиятро қатъ намуд. Ин омор нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 45 адад кам мебошад.**

Дар ин хусус вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир дар ҷараёни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ӯ сабабҳои асосии муваққатан аз фаъолият мондан ё қатъи фаъолияти корхонаҳоро мушкилоти молиявӣ, аз ҷумла қарздории андозию бонкӣ, иҷоравӣ, аз ҷумҳурӣ рафтани соҳибмулкони корхонаҳо, поёнравии сатҳи рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ, болоравии нархи ашёи хом, набудани талабот ва ба фурӯш нарафтани маҳсулоти истеҳсолӣ арзёбӣ намуд.



**Интернет-портали ягонаи давлатӣ - «eHukumat.tj» ҳамчун инфрасохтори ягонаи шабакавии иттилоотию коммуникатсионӣ барои пешниҳоди дастрасӣ ба иттилоот ва паҳнкунии он муайян карда шуда, сомонаҳои 45 мақомоти давлатӣ ба он пайваст шудаанд.**

Дар ин хусус директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон Хуршед Мирзо иттилоъ дод.

Хуршед Мирзо афзуд, ки феълан бо мақсади пешниҳоди рақамии хизматрасониҳои давлатӣ низоми ҳамгироии иттилоотии байниидоравӣ таҳия гардида, дар заминаи он аз ҷониби Агентӣ портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ - «khizmat.ehukumat.tj» амалӣ гардидааст. Инчунин, бо ҷалби барномасозон Низоми ягонаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ татбиқ карда шудааст.



**Дар шашмоҳаи якуми соли равон ноҳияи Ховалингро 61 097 нафар сайёҳони дохилию хориҷӣ тамошо намудаанд. Аз онҳо 58 087 нафар сайёҳони дохилӣ ва 3010 нафар сайёҳони хориҷӣ мебошанд.**

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ муовини раиси ноҳияи Ховалинг Саймумин Рауфзода иттилоъ дод. Ҳоло дар ноҳия 2 ширкати сайёҳӣ, 8 меҳмонхона, 4 мавзеи сайёҳӣ, 2 тарабхона, 4 осорхона, 12 чойхона, 10 меҳмонхонаи муваққатӣ, 2 мағозаи фурӯши армуғон, 1 маркази иттилоотии сайёҳӣ, 2 харитаи сайёҳӣ ва 64 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, мавриди хизматрасонии сайёҳону меҳмонон қарор доранд.

# ҶИЛЛ ДАР ОРЗУИ ДИДОРИ МУЛЛО ҶАЛИЛ




**Як зани амрикоӣ баъди дидани сурати аксбардори маъруфи тоҷик Дидор Саъдуллоев орзу дошт, ки Домулло Ҷалилро аз деҳаи Ворӯи шаҳри Панҷакент бубинад. Ин орзуи ӯ амалӣ шуд. Ӯ барои дидани мӯйсафеди нуронии 91-солаи тоҷик аз Амрико ба Тоҷикистон омад.**

Дидор Саъдуллоев мегӯяд, ки акси Домулло Ҷалили Ворӯиро соли 2017 гирифта буд. Суратгири амрикоӣ Дэвид дар сафар ба деҳаи афсонавии Ворӯ Дидор Саъдуллоевро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ акси бардоштаи Дидорро ба Ҷилл нишон медиҳад ва ин зан орзу мекунад, ки ин мӯйсафеди нурониро зиёрат ва деҳаи зебоманзари Ворӯро тамошо кунад.

“Вақте ки Ҷилл, зани 81-сола аз иёлати Колорадо ба назди бобо омад, ба ӯ салом дод ва паҳлуяш нишаст. Вай риши ӯро ламс карда, гиря кард. Ҷилл ба ӯ гуфт: «Ба ман дуо диҳед, ман ҳам ба шумо дуо медиҳам”. Тақрибан ним соат дар паҳлуи бобо нишаста буд, бо муҳаббат ва эҳтиром ба ӯ менигарист, аз хушӣ ашк мерехт ва шод буд”.

Дидор мегӯяд, ки Ҷилл ба ҳамсари Домулло Ҷалил як дастпона тӯҳфа кард ва гуфт: «Инро ба ёдгор аз ман нигоҳ дор».

Дидор Саъдуллоев мегӯяд, ки ӯ манзараҳои зебо ва мардуми деҳаи Ворӯ, аз ҷумла Домулло Ҷалилро соли 2017 акс бардошта буд. “Ин аксҳои ман соли 2018 дар Қазоқистон соҳиби ҷоиза шуданд. Соли 2020 бошад, ин аксҳо, аз ҷумла портрети Домулло Ҷалил дар Эрмитажи Русия ба намоиш гузошта шуданд”,- мегӯяд суратгир Дидор Саъдуллоев.




**Шаҳри Панҷакент, деҳаи Ворӯ, 5.07.2025**

# 267 СОМОНӢ НАФАҚА БАР ИВАЗИ 33 СОЛИ ОМӮЗГОРӢ

**Дар гӯшае аз кӯҳистони шимоли кишвар - дар деҳаи Поҷиндаки шаҳри Истаравшан муаллимаи собиқадоре зиндагӣ мекунад, ки умри худро ба анҷоми рисолати муқаддас бахшидааст, вале бар ивази 33-сола меҳнат ҳамагӣ 267 сомонӣ нафақа мегирад...**

Муаллима Раҷабова Муҳаббат омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №16 буду аз соли 1982 то соли 2015, беш аз се даҳсола бо садоқат ва муҳаббати беандоза ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул. Муаллима ба насли наврас на танҳо хондану навиштан, балки роҳи зиндагӣ ва одаму одамгариро меомӯзонд. Солҳо бо заҳмату масъулият, дар шароити деҳот ин касби пурмасъулиятро идома дод. Дар солҳои охири фаъолияти корӣ вазъи саломатиаш заиф шуд ва баъд аз ташхис ӯро ба гурӯҳи маъюбон дохил карданд. Бо вуҷуди ин, то охирин рӯзҳо ба дарс рафт ва аз шогирдон ҷудо нашуд.



Бо гузашти замон, соли 2015 ҳангоми ба нафақа баромадан умед дошт, ки хизмати бисёрсолаи ӯро қадршиносӣ мекунанду бо маблағи хуб ба нафақа мебароянд. Аммо ӯро ҳамчун маъюб ба қайд гирифта буданду собиқаи 33-солаи омӯзгорияшро ба эътибор нагирифта, бо нафақаи маъюбӣ гусел карданд.

“Баъди ҷарроҳии роҳи нафас маро ба маъюби гурӯҳи II-юм дохил карданд. Собиқаи 33-солаи фаъолияти педагогиямро ба инобат нагирифтанд, ки аз ин муносибат хело рӯҳшикаста шудам”,- мегӯяд муаллима бо садои пур аз дард.

Он замон, яъне соли 2015 бо ҳамагӣ 267 сомонӣ нафақа баромад. Ҳоло, бо гузашти солҳо ин маблағ 464 сомонӣ шудааст, ки боз ҳам барои доруву дармон ва ниёзҳои зиндагӣ намерасад...

Шояд сарнавишти муаллима Муҳаббат Раҷабова сарнавишти як шахс нест, балки даҳҳо нафар ба ин мушкил рӯ ба рӯ бошанд. Бинобар ин, ба масъулини Агентии суғуртаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунем, ки нафақаи муаллимаро бозбинӣ кунанд.

**Эҳром РАҶАБОВ,**
**деҳаи Қалъаи Баланд, шаҳри Истаравшан**

# РАИС ВА МУЛЛОИ МАҲАЛЛА

## Падаре, ки писарашро ваҳшиёна ба қатл расонид, кист?

**Ҳодисаи мудҳише, ки ҳафтаи гузашта дар шаҳри Турсунзода рух дод, ҷомеаи Тоҷикистонро ба ларза овард. Падар писарашро аввал барои носкашӣ ва баъдан барои дуздии 600 сомонӣ латукӯб карда, ӯро ба мошинаш баста, кашола мекунад ва ба марг мерасонад. Ин қазия ин ҳафта ҳам вирди забони мардум ва расонаҳо буд.**



Баъзе ҷузъиёти ин қазия дастрас шуд, ки манзури шумо мегардонем.

Нахуст, мавриди зикр аст, ки Хисрав Одинаеви 15-соларо дар қабристони деҳаи Шибанай дар ноҳияи Темурмалик, ки зодгоҳи волидайнаш аст, дафн кардаанд.

Дигар ин ки, масъулини МИҲД-и ноҳияи Темурмалик ва шаҳри Турсунзода дар мавриди шахсияти падари гумонбар, яъне Парвиз Одинаев бархе ҷузъиётро ифшо намуданд. Маълум мешавад, ки Одинаев то соли 2005 дар зодгоҳаш - ноҳияи Темурмалик зиндагӣ карда, баъдан ба шаҳри Турсунзода мекӯчад. Ӯ хатмкардаи Донишкадаи тиҷорат ва чанд соли охир муллои маҳалла будааст. Ҳамчунин раисии маҳалларо низ ба дӯши вай вогузошта буданд.

Ҳоло ӯ баъди ҳодисаи ба сари писараш оварда дар боздоштгоҳ аст. Ӯро бо гумони қасдан расонидани зарар бо оқибатҳои вазнин айбдор мекунанд. Ба ӯ аз 10 то 15 сол зиндон таҳдид мекунад. Ӯ ба ҷуз Хисрав Одинаев се писар ва як духтари дигар дорад.

Бо гузашти як ҳафта аз қазия бори аввал Фарзонаи Шариф - модари Хусрав Одинаев дар мавриди шиканҷа ва фавти писараш бо "Азия Плюс" сухбати телефонӣ кард. Ӯ "дар наздаш латукӯб шудани фарзандаш" ва аз сӯйи падар дар таххона маҳкам кардани ӯро рад кард, аммо тасдиқ намуд, ки писараш "вақтҳои охир беадаб шуда буд".

"Он гапҳое, ки гӯё Хусрав дар таххона маҳкам карда шуда буд, дурӯғ аст. Падараш ӯро соати 13 овард. Бачаам аллакай тамом карда буд ва ҷон дод",- гуфт Фарзонаи Шариф.

Ӯ ҳамчунин фарзияи дар шабакаҳои иҷтимоӣ пахншударо, ки гӯё "ҷасади Хусравро волидон пинҳонӣ ба ноҳияи Темурмалик барои дафн мебурданд" низ рад карда, зикр кард, ки ҷасади писаршро аз хона ба беморхона бурданд ва худи ӯро ба шуъбаи милитсия.

"Ҷасади писарамро ба беморхона бурда, ташхиси додгоҳӣ карданд ва баъд барои гӯронидан иҷозат доданд. Ҷасади писарамро амакаш ба ноҳияи Темурмалик бурд",- мегӯяд ин зан.

Фарзонаи Шариф мегӯяд, "ин суханҳое, ки гӯё мо бетараф будем, ғалат аст. Мо - волидон намехостем, ки чунин шавад, мехостем ӯро дуруст тарбия кунем ва аз роҳи бад баргардонем. Кадом падару модар мехоҳад, ки писараш бадрафтор шавад? Аммо ин тақдир будааст...".

Марги Хусрав Одинаев аз дасти падараш дар даҳ рӯзи пеш ҷомеаро такон дод. Ин ҳодиса пас аз нашри наворе расонаӣ гардид. Дар он навор, ки зоҳиран аз сӯйи Парвиз Одинаев, падари Хусрав Одинаев сабт шудааст, дида мешавад, ки мард аз писараш тасдиқи дуздии 600 сомониро тақозо карда, бо ишораи нос кашидан ва дуздиаш ӯро таҳдид мекард. Баъдан гуфта шуд, ки ин падар фарзандашро дар пушти мошин баста, кашола ҳам кардааст. Дар натиҷа Хусрав Одинаев ҷон бохтааст.

# АФЗОИШИ ХУШУНАТ НИСБАТИ КӮДАКОН

## Мақомот чӣ чора мебинанд?

**Давоми 6 моҳи аввали соли 2025 дар кишвар 6 кӯдак аз сӯйи падару модар кушта шудаанд. Дар ин бора дар нишасти матбуотии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон (Омбудсмен) рӯзи 4-уми август иттилоъ дода шуд.**



Миҷгона Бобоҷонзода - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон гуфтааст, ки қазияҳои охир, махсусан кушта шудани 6 кӯдак дар Фархор, Кубодиён ва Турсунзода аз сӯйи волидон мақомоти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва кӯдакро дар кишвар нигарон кардааст ва онҳо тасмим доранд оилаҳои осебпазирро ба феҳрист ворид кунанд.

"Ҳаводиси охир андешидани тадбирҳои ҷиддӣ дар самти ҳифзи кӯдаконро собит кард",- гуфт Бобоҷонзода.

Суҳайлӣ Қодирӣ, сардори Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон афзуд, боиси нигаронии ҷиддӣ аст, ки кӯдак аз сӯйи падару модар кушта мешавад.

Дар пайи ин, ба иттилои Қодирӣ, дар ҳамаи шаҳру навоҳии кишвар оилаҳои осебпазир шинохта ва рӯйхат шудаанд.

Ба қавли ӯ, агар падар ё модар ва ё шахсони сарпарасти кӯдак нашъаманд ё майнӯш бошад, бемории музмин бошад ва ё дар қайди беморихои равонӣ бошад, оилаи осебпазир шинохта шудааст.

Суҳайлӣ Қодирӣ гуфт, ки аз рӯйи ин тартиб, дар шаш моҳи охир аз ду оилаи осебпазир кӯдакон гирифта шуда ва ба муассисаҳои давлатӣ ҷой карда шудаанд.

Ин мақомдори кишвар гуфтааст, ки хушунат нисбати кӯдакон дар Тоҷикистон 30 дарсад зиёд шудааст.

Ёдовар мешавем, ки дар як моҳи ахир 2 модар ва 1 падар дар умум шаш фарзанди ноболиғи худро ба қатл расониданд.

Аз ҷумла, шаби 21-уми июн Юлдуз Бозороваи 24-сола аз ноҳияи Кубодиён як духтар ва ду писари хурдсолашро бо корд захмӣ кард. Дар пайи ин, Хадиҷа - духтараки шашмоҳа ҷон бохт. Ҳодисаи дигар шаби 29 ба 30-юми июн дар ноҳия Фархор рух дод: Мадина Ҳалимоваи 27-сола худ ва 4 фарзанди ноболиғашро ба дарёи Сурхоб партофт. Зан зинда монд, вале 4 фарзанди ӯ ба ҳалокат расиданд. Ахиран Парвиз Одинаев, марди 40-солаи сокини шаҳри Турсунзода рӯзи 26-уми июл писари 15-солааш Хусравро барои дуздии маблағ ва носкашиву арақнӯшӣ ба таври ваҳшиёна ба қатл расонид.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар нимсолаи аввали соли 2025 дар кӯлу дарёҳои Тоҷикистон 89 ҳодисаи ғарқшавӣ ба қайд гирифта шуд. Дар натиҷа 91 нафар ҷони худро аз даст дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (86 нафар) афзоиш нишон медиҳад. Аз ин 11 нафар бо роҳи худкушӣ худро ба об партофтаанд.**

Раҷабалӣ Раҳмоналӣ, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки сабабҳои аслии ғарқшавӣ ба риоя накардани қоидаҳои шиноварӣ, беэҳтиётӣ, беназоратии волидон, садамаҳои нақлиётӣ, ҳолати мастӣ ва худкушӣ марбутанд.



**Соли равон аз ҷониби марҳилаҳои якуми судҳои иқтисодӣ, коллегияҳои кассатсионию назоратӣ ва Раёсати Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 1924 парванда мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Раиси Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон Зебонисо Абдуллозода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки аз ин шумора дар мавриди 1040 парванда ҳалномаи судӣ қабул гардида, 62 парванда қатъ ва 105 ариза бе баррасӣ мононда шуд. Қабули 8 ариза рад гардидааст.



**Буҷети шаҳри Ҳисор 105% таъмин гардид, ки он ба 195 миллиону 988 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Дар 6 моҳи соли равон 4119 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2387 ҷой зиёд аст.**

Дар ин бора зимни нишасти хабарӣ раиси шаҳри Ҳисор Носирзода Ҷаббор иттилоъ дод. Раис гуфт, ки ҳоло дар шаҳри Ҳисор 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи беш аз 5 млн доллар амалӣ шуда истодаанд.

# 5 РОҲИ РАҲОӢ АЗ ФАРБЕҲӢ



**ИМРӮЗҲО ОДАМОНИ ЗИЁДЕ БО МУШКИЛИ ФАРБЕҲӢ РӮ БА РӮ ГАШТА, БАРОИ АЗ ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ ХАЛОС ШУДАН ХУДРО БА САД ДАР МЕЗАНАНД, ВАЛЕ НА БО ПАРҲЕЗ РАВҒАНИ БАДАНАШОН ОБ МЕШАВАД ВА НА БО ТАБДИРҲОИ ДИГАР. МЕХОҲЕД РОҲИ ДУРУСТ ВА САМАРАНОКИ ХАЛОС ШУДАН АЗ ВАЗНИ ЗИЁДАТРО БИДОНЕД? ПАС МУТАВАҶҶЕҲ БОШЕД!**

Халос шудан аз фарбеҳӣ раванди пайваста аст, ки тарзи ҳаёт, ғизо ва ҳаракатро дар бар мегирад. Роҳҳои самарабахши халос шудан аз фарбеҳӣ инҳоянд:

### 1. ТАҒЙИРИ РЕҶАИ ХӮРОКХӮРӢ

Аз вазни зиёдатӣ халос шудан хоҳед, кӯшиш кунед, ки хӯрокҳои каллорияашон камтарро истеъмол намоед. Парҳези солим ва ғизои камравғану камшакар барои харобшавӣ айни муддаост. Истеъмоли нон, картошка, биринҷ ва шириниҳоро маҳдуд намуда, бештар сабзавот, мевачот, гӯшти паранда, моҳӣ, тухм, лӯбиё хӯред ва бештар об нӯшед, ҳадди ақал 1,5-2 литр дар як рӯз.

### 2. ФАЪОЛИЯТИ ҶИСМОНӢ

Ҳар рӯз 30-60 дақиқа машқи ҷисмонӣ барои халос шудан аз равғанҳои бадан ёрӣ мерасонад, махсусан гардиш, давидан, велосипедронӣ ва шиноварӣ муфид аст. Агар шумо аз уҳдаи машқҳои вазнини ҷисмонӣ баромада натавонед, боке нест, ҳатто роҳ рафтан бо суръати миёна ё тоза кардани хона низ фоида дорад.

### 3. НАЗОРАТИ РАВОНӢ

Хӯрок нахӯред, вақте ки дилгир ё асабӣ ҳастед. Кӯшиш кунед фаҳмед, ки кай гурусна ҳастед ва кай одат ё эҳсос шуморо ба хӯрдан маҷбур месозад. Бо мутахассиси равоншинос ё диетолог машварат кунед, агар ҳис мекунед, ки назорати хӯрок душвор аст.

### 4. ХОБИ КОФӢ ВА ОРОМ

Камхобӣ метавонад иштиҳо ва вазнро зиёд кунад. Кӯшиш кунед, ки ҳар шаб на камтар аз 7-8 соат хоб кунед.

### 5. МУОИНАИ ТИББӢ

Гоҳе сабаби фарбеҳӣ метавонад гормонҳо ё бемориҳои "зери ҷилд" бошад. Бо духтур машварат кунед, агар вазн хеле зиёд аст ва бо парҳезу машқ коҳиш намеёбад.



# ЧОЙНӮШӢ УМРРО ДАРОЗ МЕКУНАД?

**Олимони Чин тӯли қариб 30 сол тадқиқот гузаронида, ба хулосае омадаанд, ки чойнӯшӣ умри инсонро дароз мекунад.**

Дар тадқиқот ҳазорон нафар ихтиёриён ширкат варзида, натиҷаи он собит намудааст, ки дӯстдорони чой нисбат ба шахсоне, ки ошиқи қаҳва ва нӯшокиҳои газнок мебошанд, камтар ба бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он гирифтор шуда, умри дарозтар мебинанд. Натиҷаи ин тадқиқот дар маҷаллаи "European Journal of Preventive Cardiology" нашр шудааст.

Тадқиқоти мазкур дар доираи лоиҳаи China-PAR ҳанӯз соли 1998 оғоз ёфта, мақсад аз он муайян намудани омилҳои хатарноке мебошад, ки боиси рушди бемориҳои дил ва рагҳои хунгари он мегарданд.

Дар тадқиқот 100 902 нафар ширкат варзидаанд, ки ба бемориҳои дил, инфарк, инсулт ва саратон гирифтор набуданд. Олимон онҳоро ба 2 гурӯҳ ҷудо кардаанд: онҳое, ки пайваста чой менӯшанд ва онҳое, ки бештар қаҳваю обҳои газнок нӯшида, танҳо ягон-ягон чой менӯшиданд. Дар рафти таткиқот маълум шуд, ки одамони пайваста чой менӯшида ба бемориҳои хатарок, аз қабили инсулт, инфарк ва саратон хеле кам гирифтор мешаванд ва умри дарозтар мебинанд. Шумораи одамони дарозумр дар байни чойдӯстон назар ба ошиқони қаҳва 13% бештар будааст.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Аввали ҳафта рӯйдодҳои аҷибу гувороро интизор бошед. Чоршанбе хабари нохуш табъатонро хира месозад. Дар коргоҳ бо шахсони аз худ калон баҳсу мунозира накунед, вагарна хавфи бекор мондanатон дар назар аст.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ин ҳафта дар коргоҳатон каме нофаҳмӣ сар мезанад. Миёнаи ҳафта нақшаҳои тарҳрезӣ намудаатонро дар амал татбиқ мекунед. Албатта эҳтиёткор бошеду ҳар гуна шарикони кориятонро тахти назорат бигиред. Вагарна хавфи фиреб хӯрдан дар назар аст.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафтаро бо шунидани хабари нохуш пешвоз мегиред. Хабари шунидаатонро паҳн накунеду худро хандахариши дигарон насозед. Дар коргоҳ барои содикона кор карданатон таърифу тавсиф мешунавед. Охири ҳафта сарчашмаи нави даромад имкон дорад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар ҳаёти шахсиятон дигаргунии куллӣ дар назар аст. Агар муҷаррад бошед, ошиқатон бо нияти барпо намудани оила хостгорхоашро ба хонаатон равон мекунад. Нимаи дуюми ҳафта вазъи саломатиятон яку якбора бад мешавад. Бояд бештар истироҳат кунед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Аз хабари ногаҳонӣ хурсанд мешавед. Аз имзо намудани ҳар гуна ҳуҷҷатҳо даст кашед, вагарна фиреб хӯрданатон дар назар аст. Дӯсти наздикатон бо мушкилие наздатон барои гирифтани маслиҳат меояд.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ин ҳафта албатта ҳамаи корро мустақилона ба анҷом расонида метавонед, вале мадади шахсони муътабар барои ба мартабаҳои баланд расидан халал намерасонад. Сешанбе мушкилиҳои вобаста ба тиҷорат саратонро гиҷ мекунанд.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Аввали ҳафта аз шумо қувваи зиёди ҷисмониро талаб мекунад. Барои дарёфт намудани маблағ саъю кӯшиш карданатон лозим меояд. Меҳнати худро қадр ва ҳақатонро талаб кунед. Охири ҳафта асабҳоятон каме хаста мешаванд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ҳафтаи нав ҳушёриро аз даст надиҳед, иғвоангезон найранги навбатиро барои шумоОт ба ғазаб овардан ба кор мебаранд. Ба кору кирдорашон диққат надиҳед, вагарна фикр мекунанд, ки шумо ба дом афтодед. Эҳтимол дӯстдоштаатон аз шумо кумак мепурсад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Ин ҳафта имкониятҳои нав ба рӯятон боз мешаванд. Таклифҳои хуби корӣ пеш меоянд. Миёнаи ҳафта эҳтимоли он ки бонувони муҷаррад шоҳзодаи орзуҳои худро вохӯрда метавонанд, зиёд аст. Барои камбудиҳои рӯзгор пул сарф карданатон лозим меояд.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафтаи нав гӯё қувваи ноаён ҳамроҳатон мешаваду ҳар кореро оғоз намоед, зуд анҷом меёбад. Умуман худро тавоно ҳис мекунед. Сешанбе барои воҳӯрӣ ва ҳар гуна сафарҳои корӣ хуб аст. Кӯшиш кунед ғуруру хавобаландиро як тараф гузоред.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳафтаи нав ба ҷӣ кор кодир буданатонро нишон доданатон лозим меояд. Сешанбе барои дидорбинии дӯстатон равед, шояд шахси бемор аз дидани шумо болидарӯх шаваду зудтар шифо ёбад. Ошиқатон аз бепарвоии шумо ба дод меояд.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ҳафтаи нав навгониҳои аҷибро интизор бошед. Дар ҳаётатон дигаргуниҳо дар назар аст. Сешанбе аз дидори дӯсти дерин шод мегардед. Нимаи дуюми ҳафта сафари худро ба рӯзи дигар намонед, вагарна нокомӣ шуморо дар назар аст.

# ОБРӮ АЗ ЗАҲМАТ ЁФТААСТ

## Ба муносибати 80-солагии Сайдулло Хайруллоев

**Санаи 10-уми августи соли 2025 фарзанди шарифи Тоҷикистон, ходими намоёни сиёсию ҷамъиятӣ, дипломати варзида ва соҳибтаҷрибаи ҷумҳурӣ, раиси Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ Сайдулло Хайруллоев ба синни муборaки 80 қадам мегузорад.**



Сайдулло Хайруллоев нахустин раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мардум ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро ҳамеша чун роҳбари ғамхору пуртаҷриба ва сиёсатмадори шинохта ёдоварӣ мекунанд.

Сайдулло Хайруллоев панҷ даъват вакили парлумон ва дар ду даъват раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст. Коршиносони масоили сиёсӣ ӯро шахсияти такрор номидаанд. Сайдулло Хайруллоев шахсиятест, ки дар кураи зиндагӣ обутоб ёфта, дар тамоми кору вазифаҳои масъулу баландпояи таҷриба андӯхта, заркору гавҳаршинос, инсони поку комил гардидааст.

Маҳз ҳамин таҷрибаи зиёду ғании Сайдулло Хайруллоевро дар арсаи сиёсат ба эътибор гирифта, соли 2010 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни иштирок дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба поён ёфтани ваколати вакилии ин чеҳраи муҳими сиёсӣ чунин таъкид карда буд: «Мо аз хизматҳои Сайдулло Хайруллоев дар муҳити сиёсии мамлакат самимона қадрдонӣ менамоем ва дар оянда низ аз таҷрибаи ин чеҳраи сиёсӣ барои наслҳои минбаъда истифода хоҳем кард».

Ҳамин таҷрибаи баланди корӣ буд, ки имрӯз Сайдулло Хайруллоев маҳбуби дилҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеа гардида, ҳатто дар солҳои бознишастагиаш низ раёсати яке аз идораҳои муҳими давлатиро бар уҳда дорад. Ӯ яке аз чеҳраҳои тобони оламӣ сиёсат дар кишварамон ба ҳисоб меравад.

Сайдулло Хайруллоев то омаданаш ба парлумон обутоби сиёсӣ ёфта буд. Таҷриба ва фаъолияти пурсамари ӯ барои насли имрӯза ваояндаи кишвар мактаби бузурги омӯзиш аст. Номбурда ҳоло ҳам нисбат ба худ ва онҳое, ки ӯро дар муҳити кор иҳота кардаанд, серталаб аст. Таҷрибаи бузурги ҳаётӣ ва кордонӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки гиреҳи ҳама гуна мушкилотро ба осонӣ кушояд.

Маданияти баланди сарварӣ, инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, софдилӣ, хушмуомилагӣ, самимӣ будан аз ҷумлаи хислатҳое мебошанд, ки Сайдулло Хайруллоевро инсони маҳбуб гардонидаанд. Ӯ нисбат ба мутахассисони ҷавон бо ҳисси меҳрубонӣ ва ғамхорӣ муносибат намуда, дар симои онҳо кадрҳои болаёқати ояндаро мебинад.

Сайдулло Хайруллоев дар Маҷлиси намояндагон табонист як мактаби камолоти бузурги зиндагиро ба вуҷуд оварад, ки дигарон метавонанд аз ин мактаб баҳра баранд. Дар давраи сарварии ӯ Маҷлиси намояндагон чун мақоми олии қонунбарор, дар ҳақиқат яке аз ғанитарин сарчашмаҳои қонунгузорӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор мерафт. Таносуб ва ҳамоҳангсозии кори бахшҳои гуногун дар он ба қадре дақиқ поярезӣ шудаанд, ки дар маҷмуъ, як пойгоҳи устувори ҳуқуқӣ ва таърихи комилеро дар танзими паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсон ва тадбири умури зиндагӣ ба вуҷуд оварда тавонистааст.

Сайдулло Хайруллоев аз ҷумлаи он забардастонест, ки барои халқу ватанаш софдилона ва фидокорона хизмат кардааст. Адолатпешагиро шиори кору зиндагияш қарор додааст.

Сайдулло Хайруллоев хислатҳои наҷиби ҷавонмардиро аз падари бузургвораш омӯхтааст. Шодравон бобои Хайруллоро то кунун мардуми деҳаи Муллобадал ва шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт бо эҳтиром ба ёд меоранд. Эшон, ки хизматчӣ буданд, аз зумраи он шахсиятҳои таърихие ба ҳисоб мерафтанд, ки дар сохтани мактабҳову ободонии чанд ҷамоати деҳот ва кушодани роҳҳои мошингарди ин мавзеъҳо саҳми арзанда гузошта буданд.

Бешак ин шахсияти сиёсӣ аз ҷумлаи он абармардонест, ки саропо дорои ифтихори миллии тоҷикона буда, тамоми ақлу дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худро сарфи шукуфоии кишвари азизамон кардааст. Зиндагиномаи ӯ ҳамчун шахсияти барҷаста саропо намунаи ибрат буда, омӯхтанист.

Давоми чанд соли охир ба ҳайси раиси Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳкими дӯстии байни қавму миллатҳо ва таквияти фаъолияти Ҷамъияти дӯстӣ саҳми арзанда дорад.

Таъсиси зиёда аз 25 ҷамъияти дӯстии дар назди Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ амалкунанда, мулоқоту воҳӯриҳои ҳаррӯза бо сафирони кишварҳои хориҷӣ, чеҳраҳои намоёни фарҳангии кишварҳои гуногун, олимону ходимони барҷастаи соҳаҳои мухталифи мамолики ҷаҳон нишонаи соҳиби эҳтиром будан ва маҳбубият доштани Сайдулло Хайруллоев дар дохил ва ҳатто хориҷ аз кишвар аст.

Сайдулло Хайруллоев давоми фаъолияти чандинсолаи худ дар соҳаҳои гуногуни кишвар, бахусус дар бахши таҳкими сулҳу субот нақши муассир дорад. Соҳаи сиёсиву фарҳангии мамлакатро бидуни хидматҳои арзандаи эшон наметавон тасаввур кард. Нашри китобҳову асарҳо ва мақолаҳои сершумори ӯ илму маориф ва фарҳанги мамлакатро ғанитар кардаанд.

Ҳар ҳамватани мо аз заҳмату талошҳои ин шахсияти сиёсиву фарҳангӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни ҷумҳуриамон ба хубӣ огоҳанд ва номи пурарзиши эшон дар саҳифаҳои таърихи давлатдории тоҷикон ҳамчун фарзанди фарзона ва ходими барҷаста абадан сабт хоҳад шуд.

Ин шабу рӯзҳо фарзанди шарифи Тоҷикистон, сиёсатмадори бузург, ходими намоёни сиёсию ҷамъиятӣ, арбоби барҷастаи сиёсиву фарҳангӣ, дипломати варзида ва соҳибтаҷрибаи ҷумҳурӣ, нахустраиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси хирадманду накӯкор, пири батадбир, яке аз мубориҳони фаъоли сулҳу ваҳдати миллӣ, раиси Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, инсони комил, шахсияти хидматкарда ба Ватан ва маҳбуби ҳамагон ба синни муборaки 80-солагӣ медароянд.

Дар ин санаи муборак ба муҳтарам Сайдулло Хайруллоев сиҳатмандӣ, хурсамиву сабзии рӯзгор, пешрафту шукуфоӣ, баракати умр ва зиндагии хушу хуррамро таманно менамоем.

**Файзулло ТИЛЛОЕВ,
мудири шуъбаи Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ**

## МАВЛУДНОМА

### 7 АВГУСТ

**Гулаҳмад Аҳмадов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Сергей Морозов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Яъқуб Хохомов** (1905-1989), 120-солагии зодрӯзи забоншинос.

### 8 АВГУСТ

**Ҳомид Раҳмонов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Насим Раҷаб** (1935), 90-солагии зодрӯзи нависанда.

**Акмал Ҳасанов** (1955), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

### 9 АВГУСТ

**Константин Аваков** (1935), 90-солагии зодрӯзи рассоми кино.

**Валерий Аҳадов** (1945), 80-солагии зодрӯзи кинорежиссёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Маҳмад Қобилов** (1920-2003), 105-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Венеамин Ланге** (1910-1991), 115-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Иброҳим Расулов** (1920-2005), 105-солагии зодрӯзи устоди мусиқӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 10 АВГУСТ

**Ҷорӣи Иброҳим** (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдуқодир Маниёзов** (1930-2008), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос,ровӣ, узви вобастаи АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Сайдулло Хайруллоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Абдураззоқ Холматов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

### 11 АВГУСТ

**Анатолий Манделштан** (1920-2001), 105-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Олег Мутоленко** (1950), 75-солагии зодрӯзи коргардон ва оператори кино.

**Александр Пачес** (1925-2014), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Ҳабибулло Умаров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

### 12 АВГУСТ

**Амон Бобомуродов** (1935), 90-солагии зодрӯзи мутриб.

**Нозирҷон Боҳирӣ** (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Кимсан Маҳкамов** (1915-1965), 110-солагии зодрӯзи раққос, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Элбон Ҳоҷибеков** (1955), 70-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

### 13 АВГУСТ

**Саттор Бобоев** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Назаралӣ Хоналиев** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод.

**Муҳибулло Шерматов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-940 аз санаи 17.06.2014 ба номи Сидикова Ниссо Пардаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Назаршоев, хонаи 76, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Сидикова Ниссо Пардаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Назаршоев, хонаи 76, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҷалолова Бунафша Толибовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Т. Шарқӣ, минтақаи 6, хонаи 13-Б, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТСИ №0011901, рақами қайд №5588, ба номи Амонкулова Гулджахон Ахроркуловна, ки аз санаи 26.06.2003 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №1ш-886 аз 26.07.2019, аз номи Мирзоева Гулбаҳор Гаффаровна ба номи Якубова Мухиба Мухсиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, 1-ум гузаргоҳи кӯчаи М. Турсунзода, хонаи 8, ҳ. 12, ки аз ҷониби муовини Сарнотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Мирзоев Одилҷон Олимович, РЯМ: 0730077416, РМА: 075786146, ки аз 29.06.2022 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ, Дараҷаи А, №0012994, аз санаи 15.08.2016, рақами қайд №684, МБТИ, ба номи Каримова Насиба Абдуфаттоевна, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Гулкорон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А, №0024864, аз санаи 15.07.2016, рақами қайд №1036, МБТИ, Каримова Насиба Абдуфаттоевна, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Гулкорон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон аз 13.11.2013, таҳти феҳрасти рақами 2Ш-911, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе байни Мизробов Шамсиддин Гулмадович ва Мирзоев Мехроч Абдукаримович тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1035590, ба номи Хакимов Мухаммад Зайирҷанович, ки соли таҳсили 2021-2022 аз ҷониби МТМУ №66-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0224322, рақами қайд №32556, ба номи Саидов Идрисхуҷа Давлатхуҷаевич, ки соли 2022 аз ҷониби Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

*Зодрӯз муборак!*



Бародари азиз Ҷалолзода Сафар Муҳаммад! Шуморо ба муносибати қадам ниҳодан ба синни 34-солагӣ муборакбод гуфта, бароятон пеш аз ҳама сиҳатмандӣ, пешравиҳо дар касбу кори ХҲДО ва сафои рӯзгору хонадонатонро орзу менамоям. Мо тобеон дар симои Шумо роҳбари кордон, ташкилотчию ғамхор ва дилбохтаи касбро мебинем, ки бо кӯшишу заҳмат, наговарию эҷодкориҳои худ ҳамеша илҳомбахши кормандон мебошед. Хислатҳои наҷиби инсонӣ, ки доред, ҳеҷ вақт Шуморо тарк накунанд.

**Бо эҳтиром, Абдусалом Саидзода, корманди Хадамоти хизмати дохилии оташнишонии ш. Сомониёни н. Рӯдакӣ**

► Аттестати синфи 10, №813936, соли 1981, ба номи Хоҷаева Эътибор Ҳисориевна, ки аз ҷониби МТМУ №33-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии инвентаризатсионӣ, №20194, ба номи Миравонова Озода Асламовна, сокини шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 70, ҳуҷраи 18, санаи 01.08.2025, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-АТА №0722899, ба номи Мунираи Алишер, ки соли 2018 аз ҷониби МТМУ №86-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Холиков Акмалҷон Абдурахмонович, РЯМ: 0730131094, РМА: 075594679, ки аз 17.03.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Азимова Дилнозахон, РЯМ: 0730119491, РМА: 075722424, ки аз 30.07.2025 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0681147, ба номи Убайдов Сафар Абдуқодирович, соли таҳсил 2018-2019, ки аз ҷониби МТМУ №24-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, АБ №019606, ба номи Собирова Фируза Салимҷановна, ки соли 1998 аз ҷониби МТМУ №50-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Шоева Зайнаби", №0268040, РЯМ: 0410038961, РМА: 040061355, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# ЭҲТИРОМИ СУРУДИ МИЛЛӢ - ЭҲТИРОМИ МИЛЛАТ

**Эҳтиром ба рамзҳои миллӣ, аз ҷумла Суруди миллӣ, яке аз рукнҳои муҳими эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии шаҳрвандӣ мебошад. Дар асри ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, маҳз таваҷҷуҳ ба муқаддасоти миллӣ метавонад миллатро аз маҳвшавӣ дар гирдоби фарҳангҳои бегона эмин нигоҳ дорад.**

Суруди миллӣ, ҳамчун рамзи давлатдорӣ, ормонҳои таърихии миллат ва арзишҳои муқаддаси он, на танҳо як тарона ё шеъру оҳанг аст, балки таҷассуми ҳувияти миллӣ, поси хотири гузашта ва раҳнамои оянда дурахшон мебошад.

Аз ин рӯ, ҳифз ва эҳтироми Суруди миллӣ танҳо иҷрои як вазифаи шаҳрвандӣ нест, балки шинохти моҳияти худ, миллат ва арзишҳои фарҳангии он ба ҳисоб меравад.

Суруди миллӣ дар қатори Парчам ва Нишон яке аз нишонаҳои асосии соҳибистиқлолии давлат аст. Он дар маросимҳои давлатӣ, чорабиниҳои расмӣ ва байналмилалӣ ҳамчун рамзи давлат ва миллат садо медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақоми Суруди миллӣ ба таври расмӣ муқаррар шудааст.

Дар Суруди миллӣ тамоми арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҳамбастагӣ бо эҳсоси ифтихори ватандорӣ таҷассум ёфтааст. Ҳар шаҳрванди Тоҷикистон дар вақти садо додани суруд бояд эҳсос намояд, ки ӯ як ҷузъи ҷудонашавандаи миллат аст ва дар ҳифзи номуси он масъул мебошад.

Дар бархе мавридҳо, мутаассифона, эҳтироми комил ба Суруди миллӣ дар ҷомеа коста шудааст. Чунончи, истифодаи беэҳтиромона дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сарфи назар кардан аз расму оини истиқболи суруд дар чорабиниҳо ва аз худ дур кардани эҳсоси масъулиятшиносӣ нишонаи камфаъолии фарҳангии миллӣ дар баъзе табақаҳо мебошад. Ин ҳолат зеҳни ҷомеаро зери суол мебарад ва нақши муассисаҳои тарбиявӣ, аз ҷумла мактаб, оила, донишгоҳ, воситаҳои ахбори оммаро дар рушди фарҳанги эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ камранг нишон медиҳад.

Эҳтиром ба Суруди миллӣ худ аз худ як мактаби ахлоқ аст. Кӯдак, наврас ва ҷавон бо дидани он ки калонсолон ҳангоми садо додани суруд меистанд, бо эҳтиром гӯш медиҳанд, худ низ ин амалро ҳамчун як вазифаи муҳими иҷтимоӣ дарк менамоянд.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, беэҳтиромӣ ба рамзҳои давлатӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорад. Дар баробари ин, масъулияти маънавии ҳар як шахс дар мавриди ҳифзи рамзҳо, аз ҷумла Суруди миллӣ, назар ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ муҳимтар аст. Агар шахс муҳаббати воқеӣ ба Ватан дошта бошад, эҳтироми сурудро на бо зӯр, балки аз дил ба ҷо меорад.

Муассисаҳои таълимӣ бояд барномаи мукаммали тарбиявӣ дар самти омӯзиш ва эҳтироми рамзҳои давлатӣ дошта бошанд. Омӯзиши таърихи суруд, маънои он, муаллифонаш ва муҳтавои мазмунии он метавонад бахшҳои ҷудогона дар соатҳои тарбиявӣ бошад, зеро эҳтироми суруди миллӣ - эҳтироми миллат, эҳтироми Ватан, эҳтироми худ ва гузаштаи пуршарафи мост.

**Абдуназар ТАҒДИРОВ, омӯзгори ДОТ дар н. Рашт**

CAFA-2025

# ТОҶИКИСТОН БО ҲИНДУСТОН БОЗӢ МЕКУНАД

**Рақиби нави тими миллии футболи Тоҷикистон дар мусобиқаи CAFA Nations Cup 2025, ки аз 29-уми август то 8-уми сентябр баргузор мешавад, маълум шуд.**



Дар ин мусобиқот ба ҷои дастаи Малайзия дастаи мунтахаби Ҳиндустон ширкат мекунад. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон нахустин бозии худро дар мусобиқаи CAFA Nations Cup 2025 бо тими Ҳиндустон (29-уми август) анҷом медиҳад. Футболбозони тоҷик инчунин бо дастаҳои мунтахаби Афғонистон (1-уми сентябр) ва Эрон (4-уми сентябр) бозӣ мекунанд. Бозиҳо дар ин ҷаҳоргона дар варзишгоҳи шаҳри Ҳисор баргузор мешаванд.

Бозиҳои гурӯҳи дигар бо ширкати дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Уммон дар кишвари Ӯзбекистон баргузор мешаванд.

Тибқи муқаррароти Ҷоми миллатҳои CAFA, бозиҳо дар марҳилаи гурӯҳӣ аз рӯи системаи даврӣ дар як давр баргузор мешаванд. Сипас, ғолибони гурӯҳҳо дар финал вомехӯранд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳои худ ҷои дуюмро мегиранд, барои ҷои сеюм мубориза мебаранд.

Бозии ниҳоии мусобиқот дар Тошканд ва бозӣ барои ҷои сеюм дар Ҳисор ба нақша гирифта шудаанд.

КУРАШ

# ДАСТОВАРДИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ASIAN KURASH CHAMPIONSHIP 2025




**Тими кураши Тоҷикистон дар "Asian Cadet's, Junior and Senior Kurash Championship 2025", ки аз 2 то 4-уми август дар Куриёи Ҷанубӣ баргузор шуд, бо ҳайати пурқувват ва умедбахш ҳозир шуд.**

Ба ҳайати дастаи мунтахаби кишвар 11 паҳлавони варзида шомил буданд, ки дар се гурӯҳи синнӣ - наврасон, ҷавонон ва бузургсолон Тоҷикистонро намояндагӣ карданд.

Миёни бузургсолон Сарвар Абдушукуров (-66 кг) ва Шакармамад Мирмамадов (+120 кг) нишони тилло, Искандар Махмадхоҷазода (-60 кг) нишони нуқра, Муҳаммадшариф Наҷмиддинов (-81 кг), Ҳамроз Раҷабов (-90 кг) ва Улуғбек Раҳимов (-100 кг) нишони биринҷӣ ба даст оварданд.

Миёни ҷавонон Ҳалимҷон Ҳалимов (-60 кг) соҳиби нишони биринҷӣ ва миёни наврасон Умарҷон Бобоалиев (-46 кг) соҳиби нишони нуқра шуданд.

ФУТЗАЛ

# СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН-2025 БО ШИРКАТИ 8 ДАСТА ОҒОЗ ШУД

**Дар Душанбе қуръакашии тақвими мавсими нави Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2025 баргузор гардид ва чемпионат рӯзи 2-юми август шурӯъ шуд.**



Дар ин мусобиқа ҳашт бошгоҳи кишвар ширкат доранд ва формати мусобиқот бетағйир боқӣ мемонад. Ин дастаҳо «Соро Компания» (Душанбе), «Истиқлол» (Душанбе), «Амонатбонк» (Душанбе), КМВА (Душанбе), «Сомон» (Душанбе), «Равшан» (Кӯлоб), «Регар» (Турсунзода), «Сипар» (Хуҷанд) ҳастанд. Мусобиқа муқаррарӣ хоҳад буд ва марҳилаи плей-офф барои ба даст овардани медалҳо баргузор мешавад.

Даври якуми бозиҳо баргузор шуд, ки «Истиқлол» бо ҳисоби 7:3 «Амонатбонк»-ро шикаст дод. «Сомон» дар бозӣ бо КМВА бо ҳисоби 2:3 мағлуб шуд. «Соро Компания» дастаи «Равшан»-ро бо ҳисоби 9:1 шикаст дод. «Сипар» дарвозаи «Регар»-ро голборон кард - 14:0.

ҶОМИ ОСИЁ-2026

# МАРҲИЛАИ ИНТИХОБӢ МИЁНИ ДУХТАРОНИ ТО 20-СОЛА ОҒОЗ ШУД

**6-уми август дар шаҳри Душанбе марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 миёни дастаҳои мунтахаби занона (U-20) оғоз шуд.**

Дар марҳилаи интихобӣ дар гурӯҳи «C» тимҳои ҷавонони Тоҷикистон, Австралия, Тайбэйи Чин ва Фаластин ширкат мекунанд. Ҳамаи бозиҳо дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе баргузор мешаванд.

Ғолибони ҳашт гурӯҳи интихобӣ ва се тими беҳтарини ҷойҳои дуюм ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026, ки дар Тайланд баргузор мешавад, роҳ меёбанд.



## РЕЗААХБОР




Паҳлавони тоҷик Аюбҷон Бозорзода (-71 кг) соҳиби медали биринҷии Чемпионати ҷаҳонии куштии тарзи озод миёни ҷавонон дар Юнон (U17 World Championships) шуд. Дар мубориза барои нишони биринҷӣ Бозорзода бо ҳисоби 6:0 намояндаи Олмон Чейсон Кейлро шикаст дод. Чанд рӯз пеш Маҳдӣ Баротов дар ин мусобиқа низ нишони биринҷӣ гирифта буд.

***

Аз 10 то 18-уми августи соли 2025 тими наврасони футболбозии то 17-солаи Тоҷикистон дар мусобиқаи Ҷоми истиқлоли Индонезия иштирок мекунад. Дастаҳои ширкаткунанда ба ғайр аз Индонезияву Тоҷикистон дастаҳои Панама ва Африкои Ҷанубӣ ҳастанд. Иштирок дар ин мусобиқа марҳилаи хуби омодагӣ ба Ҷоми ҷаҳонии соли 2025 миёни дастаҳои то 17-сола барои тими наврасони Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

***

Размикори тоҷик Муҳаммадҷӯча Якубов рақобати навбатияшро дар ИМА баргузор мекунад. Ҳарифи Якубов (22-1) размикори амрикоӣ Уилям Фостерӣ (19-2) хоҳад буд. Ин нерусанҷӣ қарор аст дар доираи мусобиқоти War of the Worlds, рӯзи 15-уми август дар Флорида баргузор шавад.

***

Собиқ мудири варзишӣ ва техникии дастаи «Кайрат»-и Алмаато (Қазоқистон) Сергей Коридзе сармураббии клуби футзали «Сипар», ки дар Суперлигаи футзали Тоҷикистон бозӣ мекунад, таъйин шудааст. Коридзе ҳамчун бозигар ду маротиба дар Чемпионати Аврупо дар ҳайати дастаи мунтахаби Украина нишони биринҷӣ ба даст овардааст. Ӯ дар ҳайати клубҳои Украина ва Русия бозӣ кардааст. Аз соли 2018 роҳбари дастаи «Кайрат» буд ва ҳамчунин дар ҳайати мураббиёни дастаи мунтахаби Қазоқистон кор кардааст.



## ШАРТ

Марде ба занаш, ки хеле шаттоху лӯлӣ буд, пули 200-сомонаро нишон дода, мегӯяд:

- Занак, агар рафта дар хонаи волидонат як ҳафта истӣ, ҳамин пулро медиҳам.

Зан розӣ шуда мераваду баъди як рӯз гашта меояд. Мард ба ғазаб омада:

- Чаро омадӣ? Маслиҳатамон чӣ буд?

Зан мегӯяд:

- Падарам ба ман 2 ҳазор сомонӣ дод, ки ба хонаи шавҳарат рафта, дигар набиё!

## ҚАТОРИ АВВАЛ

Шайхи ҷавоне дар таваллудхона аз тиреза тифлакони навзодро тамошо мекунад ва баъдан аз ҳамшираи тиб мепурсад:

- Тифлакони ман кадоманд?

Ҳамшира мегӯяд:

- Қатори якуму дуюм ҳамааш тифлони шумоянд, аълоҳазрат...

## КОНЯК

Марде ҳамарӯза коняк менӯшид. Занаш барои майнӯшӣ ӯро мазаммат менамуд.

- Як мардаки калон, шарму ҳаёро намедонед? Магар бо конякнӯшӣ рӯзгорро пеш бурда мешавад?

Мард дар ҷавоб:

- Ту мӯйдарози ақлкӯтох, фикр мекунӣ, ки бо дӯғобнӯшӣ рӯзгорамон пеш меравад?

## СУРА

Дар рафти имтиҳон профессор аз донишҷӯ мепурсад:

- Ҷавони хуб, шумо аз рӯи шпаргалка чиро хонда истодаед?

Донишҷӯ:

- Устод, ин сура аст.

## КОРДОН

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Занам аз ман маоши зиёдтар мегирад. Бозорӣ мекунад, пули барку обро ҳам медиҳад.

Рафиқаш дар ҷавоб:

- Айб аст ҷӯра, айб! Мард бояд кордону пулёб бошад, роҳи зиндагиашро худаш ёбад!

Мард:

- О ман роҳи зиндагиямро ёфтам дия. Чунин занакро ёфтан кори осон мӣ?

## ОЛИМ

Марде барои гирифтани хонаи иҷора меояд. Соҳибхона хонаҳоро ба ӯ нишон медиҳад:

- Дар ин хона пеш аз шумо олими кимиё зиндагӣ мекард. Таҷрибаҳои худро дар ҳамин уток анҷом медод.

Мард мегӯяд:

- Ҳаа, фаҳмо. Дар сақфи хона натиҷаи таҷрибаҳои ӯ будагист?

Соҳибхона:

- Нее, ин худи олим аст.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

# БАР НАФАҚА БАРОӢ, МЕФАҲМӢ

*Ҷумла подоши кору хизматро,*
*Дар бари ёр қадру қимматро,*
*Ҳарф-ҳарф ҳарфи тунди миннатро,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Доғдорӣ ва ё ки бедоғӣ,*
*Кӯҳи болотар аз Қаротоғӣ,*
*То бидонӣ, ки аз кадом боғӣ,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Дар барат ҳеҷ кас намемонад,*
*Бар зиёфат касе намехонад,*
*Қадри ту ҷуз ту кас намедонад,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Беҷавоб аст занги тилфонат,*
*Бигзарад ҷамъи давру давронат,*
*Дар танат танг мешавад ҷонат,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Ёру ҷӯра рух аз ту метобад,*
*Сӯйи ту дӯстат набиштобад,*
*Ҳар куҷо бошӣ, дард меёбад,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Бинишинӣ ба хонаат ҳайрон,*
*Ҷӯйи ҳамсуҳбату лаби хандон,*
*Хешро хонӣ сахраи беҷон,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Кас нахонад туро ба меҳмонӣ,*
*Бо набера, абера сарсонӣ,*
*Хис насозӣ дигар, ки инсонӣ,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Рӯӣ тобӣ зи пиставу бодом,*
*Зан набахшад барои ту илҳом,*
*Суд кай бинӣ дигар аз айём?*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Киссаи ту зи дору пур гардад,*
*Ҷон ба афғону носабур гардад,*
*Зиндагӣ бар ту нозарур гардад,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Аҳли байтат шавад насиҳатгар,*
*Мешавӣ бахри ҷамъашон чокар,*
*Дур гардӣ зи додару хоҳар,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Хонадат санги роҳ девона,*
*Ҷо наёбӣ дигар ту дар хона,*
*Ҳарфи панди ту ҳаст афсона,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

*Роҳи умрат ба сахти биспардӣ,*
*Баъди ин бош дар ҷаҳонгардӣ,*
*Аз Худо ёд кун, агар мардӣ,*
*Бар нафақа бароӣ, мефаҳмӣ.*

**Исмоил Зарифӣ,**
**шоир**

## Сканворд

